Дар баробари ин, бояд дарк кард, ки ворид намудани муносибатҳои бозорӣ дар соҳаи маориф танзими дурусти ҳуқуқии муносибатҳоеро талаб мекунад, ки ба ин пешниҳоди хизматрасонии пулакии таълимӣ боис мегардад. Дар навбати аввал, талабот ба танзими дурусти ҳуқуқии муносибатҳои шартномавӣ пеш меояд, ки дар байни иҷрокунандаи хизматрасонии таълимӣ ва фармоишгар (таълимгиранда) амалӣ мешавад. Аммо, танзими имрӯзаи муносибатҳои зикргардида чунин аст, ки дар қонунгузорӣ муқаррароти муфассали хизматрасонии таълимии пулакӣ вуҷуд надорад. Аз ҷумла, шартҳои асосии шартнома дар бораи пешниҳоди хизматрасонии таълимӣ муайян карда нашудаанд, ҳолатҳои аз ҷониби муассисаи таълимӣ ба таври яктарафа баланд кардани арзиши хизматрасонии таълимӣ пас аз бастани шартнома муқаррар нагардидааст, мушкилоти духӯрагии масъалаҳо оид ба шакли ташкилию ҳуқуқии муассисаҳои таълимие, ки қонунгузор иҷозат додааст, ҳалли худро наёфта, интишори дурусти ҳуқуқии фаъолияти инфиродии омӯзгорӣ вуҷуд надорад, механизми ҳуқуқӣ, ки ҳифзи муносиби ҳуқуқҳои таълимгирандагонро дар ҳолати аз аккредитатсияи давлатӣ маҳрум гаштани муассисаи таълимии таҳсилоти олӣ таъмин менамояд, пешбинӣ нашудааст. Ҳамаи ин омилу сабабҳо номгӯи масъалаҳои танзимношудаеро ташкил медиҳанд, ки дар натиҷаи пешниҳоди хизматрасонии пулакии таълимӣ ба миён омада, онро метавон дуру дароз номбар кард.

Дар робита бо ин, коркарди илмӣ ва қонунгузории реҷаи ҳуқуқии хизматрасонии пулакии таълимӣ талаботи зарурии қонун мебошад. Ва боиси қайд ҳам ҳаст, ки ин ба аҳаммиятнокии мавзуи таҳқиқот ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ дахолат мекунад. Дарки илмии мушкилоти номбаршудаи танзими ҳуқуқии хизматрасонии пулакии таълимӣ ва дар асоси он таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмили қонунгузорӣ дар ин қисм имкон медиҳад мушкилоти ҳуқуқие, ки имрӯз иштирокчиёни муносибатҳои таълимӣ бо онҳо рӯ ба рӯ мешаванд, сари вақт ҳалли худро ёбанд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ**. Таҳқиқоти табиати ҳуқуқии хизматрасониҳо ҳамчун категорияи ҳуқуқи маданӣ дар корҳои илмии чунин олимон, мисли М.И. Брагинский ва В.В. Витринский[4], О.С. Иоффе[5], Ш.М.

---

[4] Ниг.: Брагинский М.И., Витрянский В.В. Договорное право. Договоры о выполнении работ и оказании услуг [Захираи электронӣ]. – М.: Статут, 2002. – Манбаи дастрасӣ: http: // www. consultant.ru (санаи муроҷиат 12.07.2017); Брагинский М.И., Витрянский В.В. Договорное право. Общие положения. - М.: Статут, 2001. Кн. 1. - 848 с.

[5] Ниг.: Иоффе О.С. Обязательственное право. - М.: Юридлит, 1975. - 880 с; Иоффе О.С. Избранные труды по гражданскому праву. - С.-Пб.: Юрид. центр Пресс, 2003. - 574 с.

Менглиев[6], Н.И. Муминзода[7], М.З. Рахимзода[8], Ю.В. Романетс[9], Д.Ш. Сангинов[10], Л.В. Санникова[11], Ш.Т. Тағойназаров[12], Д. Хошимзода[13].

Ҷанбаҳои ҳуқуқии табиати ҳуқуқии хизматрасонии иҷтимоӣ дар асарҳои илмии А.В. Белозеров[14], А.В. Майфат[15], А.В. Тихомиров[16], Л.В. Санникова[17], Д.Ш. Сангинов[18], Л.Б. Ситдиқова[19], инъикос ёфтаанд.

---

[6] Ниг.: Менглиев Ш.М. Избранные труды по гражданскому праву. – Душанбе: Истеъдод, 2011. – 696 с; Менглиев Ш.М. Имущественные права как объект права и правоотношения // Гражданское законодательство: Статьи. Комментарии. Практика / под ред. А.Г. Диденко.- Алматы: Юрист, 2004. - Вып. 20. – С. 190-205.

[7] Ниг.: Муминзода Н.И. Правовое регулирование защиты прав потребителей образовательных услуг в сфере высшего профессионального образования по законодательству Республики Таджикистан: автореф. ... дис. канд. юрид. наук. - Душанбе, 2019. - 28 с.

[8] Ниг.: Рахимов М.З. Избранные труды. – Душанбе: «Бухоро», 2014. – 638 с; Рахимов, М.З. Исполнение хозяйственных обязательств: встречное исполнение. – Душанбе: Тадж. гос. ун-т, 1990. – 126 с; Рахимов М.З. Конечный результат предпринимательской деятельности: теория и правовое регулирование. – Душанбе: Деваштич, 2007. – 294 с.

[9] Ниг.: Романец Ю.В. Система договоров в гражданском праве России. - М.: Юристъ, 2001. - 496 с.

[10] Ниг.: Сангинов Д.Ш. Правовое регулирование туристской деятельности в Республике Таджикистан: дис. ... канд. юрид. наук.– Душанбе, 2010. – 193 с.

[11] Ниг.: Санникова Л.В. Услуги в гражданском праве России. М.: Волтерс Клувер, 2006. - 160 с.

[12] Ниг.: Тагайназаров Ш.Т. О категории гражданско-правовой ответственности // Государство и право. – 1999. - № 2. – С. 63-68.

[13] Ниг.: Хошимов Д. Д. Услуги как объект гражданских прав по законодательству Республики Таджикистан: дис. …канд. юрид. наук. - Душанбе, 2012. - 182 с.

[14] Ниг.: Белозеров А.В. Понятие и содержание обязательства по возмездному оказанию образовательных услуг: автореф. дис.... канд. юрид. наук. - М., 2000. - 20 с.

[15] Майфат А.В. Гражданско-правовые конструкции инвестирования. - М.: Волтерс Клувер, 2006. - 328 с

[16] Тихомиров А.В. Оказание гостиничных услуг по российскому гражданскому праву: дис.... канд. юрид. наук. - Челябинск, 2008. - 208 с.

[17]Санникова Л.В. Услуги в гражданском праве России. М.: Волтере Клувер, 2006. - 160 с.

[18].: Сангинов Д.Ш. Правовое регулирование тистской деятельности в Республике Таджикистан: дис. ... канд. юрид. наук. - Душанбе, 2010. - 193 с.

[19] Ситдикова Л.Б. Правовое регулирование отношений по возмездному оказанию услуг. - Набережные Челны, 2003. - 168 с.

Ҳангоми таҳқиқи мавзуъ маълум гашт, ки асарҳои илмии Л.М. Волчанская[20], В.В. Кванина[21], Т.В. Королева[22], М.Н. Малеин[23], М.В. Токмовсева[24], Д.А. Шапавалов[25] ба масъалаҳои танзими маданию ҳуқуқии хизматрасонии таълимӣ бахшида шудаанд. Муносибатҳои назариявии мушкилоти инфиродии марбут ба мафҳум ва табиати ҳуқуқии хизматрасониҳои таълимӣ, ки ин олимон таҳия кардаанд, ҳангоми таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф ба инобат гирифта шудаанд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Тадқиқоти диссертатсионии мазкур дар доираи татбиқи нақшаи тадқиқотии дарозмуддати кафедраи ҳуқуқи соҳибкории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон дар мавзӯъҳои: «Мушкилот ва дурнамои қонунгузории тиҷоратӣ дар марҳалаи кунунии рушди Тоҷикистон (солҳои 2016 – 2020)», инчунин «Таҳлили умумии ҳолат ва мушкилоти ҳуқуқи муосири соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон (2021-2025)».

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳлили маҷмӯии танзими маданию ҳуқуқии муносибатҳо дар соҳаи хизматрасонии таълимӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмили муносибатҳои илмӣ ба шарҳи фаҳмиши ҳуқуқии

---

[20].: Волчанская Л.М. Договор возмездного оказания образовательных услуг в системе высшего профессионального образования: дис… канд. юрид. наук. - Волгоград, 2002. - 167 с.

[21] Кванина В.В. Гражданское регулирование отношений в сфере высшего профессионального образования: монография. - М.: Готика, 2005. - 368 с; Она же. Особенности договора на оказание вузом образовательных услуг // Сфера услуг: гражданско-правовое регулирование: сборник статей / под ред. Е.А. Суханова, Л.В. Санниковой. - М.: Инфотропик Медиа, 2011. - 240 с.

[22] Ниг.: Королёва Т.В. Гражданско-правовой статус государственного образовательного учреждения высшего профессионального образования (государственного вуза) и его структурных подразделений: автореф. ... дис. канд. юрид. наук. - Ростов-на-Дону, 2006. - 27 с.

[23] Ниг.: Малеин М.Н. Правовая природа и основания правоотношений «вуз - студент» // Правоведение. -2002. - № 3 (242). - С. 258-264; Он же. Договор о подготовке специалиста с высшим профессиональным образованием // Государство и право. — 2004. — № 8. — С. 57-66; Он же. Правовая природа и основания правоотношений «вуз - студент» // Правоведение. - 2002. - № 3 (242). - С. 258-264.

[24] Ниг.: Токмовцева М.В. Высшее учебное заведение как субъект отношений в сфере предпринимательства: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. - М., 2002. - 26 с.

[25] Ниг.: Шаповалов Д.А. Особенности правового регулирования возмездного оказания образовательных услуг военными образовательными учреждениями профессионального образования Федеральной пограничной службы Российской Федерации: дис. ... канд. юрид. наук. - М., 2001. - 219 с.

хизматрасонии таълимӣ ва ислоҳоти қонунгузорӣ, ки фаъолияти пулакии таълимиро ба танзим медарорад, мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ноил шудани ин ҳадаф вазифаҳои зерин гузошта шуданд:

- ошкор кардани заминаҳои пайдоиши муносибатҳои маданию ҳуқуқӣ дар соҳаи фаъолияти таълимӣ;
- муайян кардани табиати ҳуқуқии муносибатҳо дар соҳаи хизматрасонии пулакии таълимӣ;
- таҳқиқи мафҳум ва нишонаҳои хизматрасонии таълимӣ ҳамчун объекти маданию ҳуқуқӣ;
- баррасии таснифоти хизматрасонии таълимӣ;
- баррасии хусусиятҳои ҳуқуқии шартнома оид ба пешниҳоди хизматрасонии таълимӣ ва шартҳои асосии он;
- таҳлили вазъи ҳуқуқии тарафҳои шартнома дар бораи хизматрасонии таълимӣ;
- таҳқиқи мушкилоти масъулияти маданию ҳуқуқии тарафҳо тибқи шартнома дар бораи хизматрасонии таълимӣ;
- дар асоси муқаррароти консептуалии сохташуда таҳияи тавсияҳо оид ба такмили қонунгузории Тоҷикистон дар соҳаи танзими хизматрасонии таълимӣ ва таҷрибаи истифодаи он.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқоти диссертатсионӣ ин хизматрасонии таълимӣ мебошад, ки вобаста ба пешниҳоди онҳо муносибатҳои ҷамъиятӣ ба миён меоянд, ки тибқи меъёрҳои ҳуқуқи маданӣ танзим мегарданд.

**Мавзуи таҳқиқот.** Меъёрҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки муносибатҳоро дар соҳаи фаъолияти таълимии пулакӣ танзим мекунанд, вазъи консептуалии назарияи умумии ҳуқуқи соҳаҳои дигари илм, ки хусусиятҳои хизматрасонии таълимӣ ва муқаррароти илми ҳуқуқи маданиро ошкор намуда, тавсифи ҳуқуқии шартномаро дар бораи хизматрасонии таълимӣ муайян мекунад**,** мавзуи таҳқиқот мебошад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот)**. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар муддати 8 сол ба иҷро расидааст. Макони гузаронидани таҳқиқот кафедраи ҳуқуқи соҳибкории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон мебошад.

Таҳқиқот давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистонро то ба имрӯз фарогир аст. Инчунин давраи шӯравии танзими муносибатҳо дар соҳаи маълумот мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асоси назариявии таҳқиқотро корҳои илмӣ дар соҳаи назарияи умумии ҳуқуқ, фалсафаи ҳуқуқ, ҳуқуқи маданӣ, соҳибкорӣ дар давраҳои пеш аз инқилобӣ, шӯравӣ ва муосир ташкил медиҳанд**.**

Асоси консептуалии ташаккули муқаррарот ва хулосаҳои назариявии таҳқиқоти рисолавиро асарҳои илмии намояндагони илми шӯравӣ ва муосир

Ф.М. Аминова[26], С.С. Алексеева[27], Р.Б. Бозоров[28], М.И. Брагинский ва В.В. Витринский[29], С.Н. Братуся[30], А.В. Золотухин[31], О.С. Иоффе[32], О.А. Красавчикова[33], Н.С. Малеина[34], Ш.М. Менглиев[35], М.З. Раҳимзода [36], Т.И. Султонова[37], Ш.Т. Тағойназаров[38], В.М. Яковлева[39] ташкил додаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Ҳангоми иҷрои кор таҳлили мушкилоти таҳқиқоти диссертатсионӣ дар асоси усулҳои умумии илмӣ ва махсус – таҳлил

[26] Ниг.: Аминова Ф.М. Правовое регулирование отношений, возникающих в результате применения вспомогательных репродуктивных технологий в Таджикистане: проблемы и перспективы. – Душанбе: РТСУ, 2021. – 314 с.

[27] Ниг.: Алексеев С. С. Общая теория права: В 2-х т. Т. 2. - М., 1981. – 270 с; Алексеев, С.С. Общие теоретические проблемы системы советского права. - М., 1961. - 187 с; Алексеев, С.С. Структура советского права. - М.: Юрид. лит., 1975. - 258 с.

[28] Ниг.: Бозоров Р.Б. Инвестиционное право: учебник. – Душанбе, ТНУ, 2008. – 480 с

[29] Ниг.: Брагинский М.И., Витрянский В.В. Договорное право. Договоры о выполнении работ и оказании услуг [Захираи электронӣ]. – М.: Статут, 2002. – Манбаи дастрасӣ: http: // www. consultant.ru. (санаи муроҷиат 12.07.2017); Брагинский М.И., Витрянский В.В. Договорное право. Общие положения. - М.: Статут, 2001. Кн. 1. - 848 с.

[30] Ниг.: Братусь С.Н. Юридическая ответственность и законность. - М.: Городец-издат, 2001. - 208 с.

[31] Ниг.: Золотухин А.В. Правовое обеспечение страхования предпринимательских рисков в гражданском праве Республики Таджикистан: дис. … д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2015. - 318 с.

[32] Ниг.: Иоффе О. С. Советское гражданское право: курс лекций. Отдельные виды обязательств. - Л., 1961. – 531 с; Иоффе О.С. Обязательственное право. - М.: Юридлит, 1975. - 880 с; Иоффе О.С. Избранные труды по гражданскому праву. - С.-Пб.: Юрид. центр Пресс, 2003. - 574 с.

[33] Ниг.: Красавчиков О.А. Юридические факты в советском гражданском праве. - М.: Госюриздат, 1958.- 183 с; Красавчиков О.А. Юридические факты в советском гражданском праве. - М.: Госюриздат, 1958. - С. 46.- 183 с.

[34] Ниг.: Малеин Н.С. Имущественная обязанность в хозяйственных отношениях. - М.: Наука, 1968. - 207 с.

[35] Ниг.: Менглиев Ш.М. Избранные труды по гражданскому праву. – Душанбе: Истеъдод, 2011. – 696 с; Менглиев Ш.М. Имущественные права как объект права и правоотношения // Гражданское законодательство: Статьи. Комментарии. Практика / под ред. А.Г. Диденко. - Алматы: Юрист, 2004. - Вып. 20. – С. 190-205.

[36] Ниг.: Рахимов М.З. Избранные труды. – Душанбе: «Бухоро», 2014. – 638 с; Рахимов М.З. Исполнение хозяйственных обязательств: встречное исполнение. – Душанбе: Тадж. гос. ун-т., 1990. – 126 с; Рахимов М.З. Конечный результат предпринимательской деятельности: теория и правовое регулирование. – Душанбе: Деваштич, 2007. – 294 с.

[37] Ниг.: Султонова Т.И. Теоретические проблемы алеаторных договоров в гражданском праве Таджикистана: дис. … д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2014. - 391 с.

[38] Ниг.: Тагайназаров Ш.Т. О категории гражданско-правовой ответственности // Государство и право. – 1999. - № 2. – С. 63-68.

[39] Ниг.: Яковлев В.А. Услуги: вопросы теории и методологии. - Краснодар, 1973. – 117 с; Яковлев В.Ф. Гражданско-правовой метод регулирования общественных отношений: учеб. пособие. – Свердловск, 1972. – 212 с.

ва синтези диалектикӣ, системавӣ, мантиқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, расмӣ-ҳуқуқӣ анҷом дода шуд. Методикаи истифодашуда имкон дод, ки танзими маданию ҳуқуқии муносибатҳо дар соҳаи хизматрасонии таълимӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқи худро ёбанд.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Ба сифати заминаҳои эмпирикӣ маводи фаъолияти амалии судҳо асос шудаанд. Инчунин дар раванди гузаронидани таҳқиқот мисолҳои алоҳидаи амалӣ аз фаъолияти судӣ истифода гардид.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот.** Навоварии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки диссертатсия аввалин таҳқиқоти илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, ки ба масъалаҳои танзими маданию ҳуқуқии муносибатҳо дар соҳаи хизматрасонии таҳсилоти музднок (пулакӣ) бахшида шудааст.

Таҳқиқи маҷмуии танзими маданию ҳуқуқии муносибатҳо дар соҳаи хизматрасонии таҳсилоти музднок (пулакӣ) имкон дод, ки таъмини меъёрии фаъолияти таълимии пулакӣ, хусусиятҳои танзими шартномавии муносибатҳо дар соҳаи хизматрасонии таҳсилотӣ омӯхта шавад, камбудиҳои таъмини ҳуқуқии муносибатҳои омӯхташуда ва имконияти ҳуқуқ дар таъмини рушди низоми пулакии таҳсилот муайян карда шаванд.

Навгонии таҳқиқоти диссертатсиониро тавсияҳо оид ба такмил ва муносибгардонии (оптимизатсияи) танзими маданию ҳуқуқӣ дар соҳаи хизматрасонии таълимӣ ташкил медиҳанд.

Хулосаҳо ва пешниҳодҳое, ки дар кори илмӣ баён шудаанд, метавонанд дар такмили минбаъдаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи танзими маданию ҳуқуқии хизматрасонии таълимӣ мусоидат кунанд.

Хулоса ва тавсияҳои назариявӣ дар муқаррароте, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, инъикос меёбанд**.**

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Дар соҳаи фаъолияти таълимӣ муносибатҳои маданию ҳуқуқӣ танҳо ҳудуди амалҳои иҷрокунандаи хизматрасонии таълимӣ ва фармоишгарро фаро мегиранд, ки дар доираи шартномаи онҳо дар бораи таъсиси муассисаи таълимӣ бо пардохт барои шароити мусоид ҷиҳати азхуд намудани барномаҳои таълимӣ аз тарафи донишҷӯ аз рӯи берун аз  ихтисоси интихобкардаашон анҷом дода мешаванд. Худи раванди таълим дар доираи ҳуқуқи маданӣ боқӣ мемонад ва вазифаи он ҳолатеро иҷро хоҳад кард, ки барои таҳияи он шартномаи таҳсил баста мешавад. Аҳаммияти чараёни таълим барои соҳаи танзими маданию ҳуқуқӣ ба он оварда мерасонад, ки ҳуқуқи шаҳрвандиро натиҷаи он ҳавасманд мегардонад, зеро маҳз азхудкунии таълимгирандагон дониш ва малакаи муайяннамудаи барномаи таълимӣ ва ба онҳо додани дипломи дахлдор барои тасдиқи ин накши он манфиатеро мебозад, ки дархосткунанда ҳангоми ворид шудан ба муносибатҳои маданию ҳуқуқӣ бо иҷрокунандаи хизматрасонӣ робита ба амал меоварад.

2. Аз худ накардани барномаи таълимии (донишҳои) дар муассисаи таҳсилотӣ пешниҳодшуда ва ба даст наовардани малакаҳои касбӣ, ки

таҳсилгиранда ба он умед мебандад, наметавон онро ҳамчун иҷрои номатлуби хизматрасониҳои таҳсилотӣ баҳо дод ва ба ҳайси пешниҳод гаштани хизматрасонии таҳсилот бо сифати паст дониста шавад. Зиёда аз ин, аз ҷониби муассисаи таҳсилотӣ ба дархосткунанда пешниҳод шудани чунин гуна кафолатҳоро метавон ҳамчун баиштибоҳандозии ӯ баҳо дод, зеро натиҷаи хизматрасонии таҳсилотӣ берун аз шартнома қарор дорад.

3. Аломати калидии маҳдудиятгузории хизматрасонии таҳсилӣ ҳамчун объектҳои уҳдадориҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ ва фаъолияти бепули таълимӣ ҳамчун зуҳуроти иҷтимоию иқтисодӣ ин подоши хизматрасонии таҳсилотӣ ва хусусияти шартномавии муносибати байниҳамдигарии иштирокчиёни муносибатҳо мебошад. Бинобар ин, фаъолияти таълимӣ, ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ амалӣ карда мешавад, ба маънои фаҳмиши онҳо ба сифати объекти маданию ҳуқуқӣ ба хизматрасонии таълимӣ тааллуқ надорад.

4. Хизматрасонии таҳсилотӣ ин фаъолияти касбии муассисаи таҳсилотии ба шартномаи маданию ҳуқуқӣ асосёфта оид ба таҳсилот тавассути татбиқи барномаҳои дахлдори таълимӣ мебошад, ки ба товри пардохтшаванда амалӣ гашта, дар натиҷа ба шарти аз тарафи таҳсилгиранда азхуд намудани барномаи дахлдори таълимӣ ба ӯ ҳуҷҷат дар бораи таҳсилот дода мешавад. Нишонаҳои тахассусии хизматрасонии таълимӣ инҳоянд: 1) мавҷуд набудани ифодаи моддии натиҷаи хизматрасонӣ; 2) хусусияти касбӣ; 3) хусусияти дарозмӯҳлат ва давомдори хизматрасонӣ; 4) хизматрасонии суғуртавӣ (таъинотӣ); 5) хусусияти ҷубронӣ; 6) хусусияти шартномавӣ доштани он.

5. Хизматрасонии таълимӣ дорои таркиби зерини таснифотӣ мебошад:

- вобаста ба вазъи ҳуқуқии хизматрасон – а) хизматрасониҳои таълимие, ки аз ҷониби муассисаҳои таълимии давлатӣ расонида мешаванд; б) хизматрасониҳои таълимие, ки аз ҷониби муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ расонида мешаванд; в) хизматрасониҳои таълимие, ки аз ҷониби муассисаҳои таълимии муштарак расонида мешаванд; г) хизматрасониҳои таълимӣ, ки аз ҷониби муассисаҳои таълимии байналмилалӣ расонида мешаванд; д) хизматрасониҳои таълимие, ки дар доираи фаъолияти инфиродии омӯзгорӣ расонида мешаванд;

- вобаста ба аккредитатсияи давлатӣ доштани муассисаи таълимӣ – а) хизматрасониҳои таълимӣ, ки аз ҷониби муассисаҳои таълимии аккредитатсияшуда расонида мешаванд; б) хизматрасониҳои таълимӣ, ки аз ҷониби муассисаҳои таълимии аккредитатсиянашуда расонида мешаванд;

- вобаста ба зарурати гирифтани иҷозатнома барои амалӣ намудани фаъолияти таълимӣ – а) хизматрасониҳои таълимии иҷозатномадошта; б) хизматрасониҳои таълимии иҷозатноманадошта;

- вобаста ба хусусиятҳои барномаи таълимӣ – а) хизматрасониҳои таълимии асосӣ; б) хизматрасониҳои таълимии иловагӣ.

6. Ҳангоми муайян кардани шаклҳои ташкилию ҳуқуқии ташкилотҳои таълимӣ бо талаби қонунгузор бояд зарурати аз ҷониби давлат таъмин

намудани ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандон барои таҳсили ройгон дар доираи таҳсилоти умумии асосӣ, инчунин дар доираи фармоишҳои давлатӣ дар асоси озмун дар марҳилаҳои минбаъдаи таҳсил ба ҳисоб гирифта шавад. Аз ин рӯ, шаклҳои ташкилию ҳуқуқие, ки барои шахсони ҳуқуқии тиҷоратӣ пешбинӣ шудааст, барои татбиқи барномаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ (ибтидоӣ, умумии асосӣ ва миёнаи умумӣ) қобили қабул нестанд, зеро татбиқи онҳо дар асоси принсипҳои ҳатмӣ, дастрасӣ ва ройгони таҳсилоти умумии асосӣ амалӣ карда мешавад. Фаъолияти ташкилотҳои тиҷоратӣ дар соҳаи маориф бояд бо нишон додани рӯйхати мукаммали барномаҳои таълимии татбиқшаванда, ки бо татбиқи ҳуқуқи шаҳрвандон ба таҳсили ройгон алоқаманд нестанд, маҳдуд карда шавад. Дар ин ҷо сухан танҳо дар бораи таҳсилоти томактабӣ ва иловагӣ меравад.

7. Шартҳои муҳими шартнома дар бораи пешниҳоди хизматрасониҳои таълимӣ ин шартҳое ҳастанд, ки барои баста ва эътироф шудани шартнома зарурӣ ва кофӣ бошанд. Онҳо фарогири 1) мавзӯи шартнома, ки барои муайян кардани сатҳ ва самти барномаҳои таълимӣ имкон медиҳад; 2) муҳлати пешниҳоди хизматрасониҳои таълимӣ; 3) нархи шартнома, ки имкон медиҳад арзиши пурраи хизматрасониҳои таълимӣ ва тартиби пардохти онҳо муқаррар карда шаванд.

8. Таркиби ҷавобгарии субсидиарии соҳибмулки муассиса аз рӯйи қарзҳояш ба таври возеҳ кӯшиши давлатро ҷиҳати ба таври ҳадди ақал назорат намудани бехатарии молу мулки муассисаҳое, ки дар ин ва ё он соҳаи хизматрасонӣ машғул ҳастанд, нишон медиҳад. Иштироки давлат ҳамчун субъекти ғайримустақими ҷавобгарии маданию ҳуқуқӣ аз рӯйи шартнома дар бораи пешниҳоди хизматрасонии таҳсилотӣ бо он шарҳ дода мешавад, ки дар шароити бозорӣ муассисаҳои давлатӣ вобаста ба ин суғурта карда нашудаанд, ки ҳаҷми ӯҳдадориҳои онҳо дар назди иштирокчиёни дигари гардиши шаҳрвандӣ метавонад аз имконияти доштаашон барои иҷрои онҳо зиёд бошад.

9. Тибқи қоидаи он қонунгузор фаъолияти соҳибкории муассисаи таҳсилотиро ҷиҳати пешниҳоди хизматрасониҳои таҳсилотӣ дар он сурат эътироф намекунад, ки агар он маблағҳои аз фаъолияти таҳсилотии пулакӣ гирифташударо бо мақсади фоида ба даст овардан комилан аз худ намояд ва он ба хусусияти иқтисодӣ ва ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ мухолифат кунад. Низоми ҳуқуқии субъектҳои соҳибкорӣ бояд ба пуррагӣ дар муассисаҳои таълимӣ паҳн карда шавад, аз ҷумла ба низоми масъулияти маданию ҳуқуқӣ дар сурати аз ҷониби онҳо вайрон кардани ӯҳдадориҳои шартномавӣ. Бинобар ин, муассисаҳои таълимӣ, дар ҳолатҳои нисбати онҳо андешидани чораҳои ҷавобгарии маданию ҳуқуқӣ бояд бе назардошти гуноҳ ҷавобгар бошанд.

10. Тибқи қонунгузорӣ ӯҳдадориҳои пешбининамудаи таҳсилгиранда, ки бо иштироки фаъоли ӯ дар ҷараёни таҳсилоташ алоқаманд аст, хусусияти маданию ҳуқуқӣ дошта, аз ҷиҳати табиати худ бо ӯҳдадории фармоишгар аз рӯйи шартномаи пудратӣ барои мусоидат ба иҷрои корҳое, ки дар моддаи 730

Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидааст, муқоиса карда мешаванд.

11. Аз ҷониби муассисаи таҳсилотӣ ситонидани маблағи иловагӣ барои бартараф намудани қарзи академикӣ ва дубора супоридани санҷишу имтиҳонҳо хусусияти қонунӣ дорад ва меъёри ҷавобгарии маданию ҳуқуқии гирандаи хизматрасонӣ аз рӯйи шартнома оид ба пешниҳоди хизматрасонии таълимӣ мебошад.

**Пешниҳодҳои амалӣ.** Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот оид ба такмили қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи танзими маданию ҳуқуқии хизматрасонии таълимӣ тавсияҳои зерин таҳия карда шуданд:

1) бо мақсади барқарор намудани механизми ҳимоявӣ, ки барои таъмини ҳифзи дурусти ҳуқуқҳои таълимгирандагон эътироф шудааст, ҳамчун тарафҳои заифи шартнома пешниҳод карда мешавад, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» уҳдадории муассисаи таҳсилотӣ пешбинӣ гардида, дар ҳолати аз аккредитатсияи давлатӣ маҳрум кардани он ба баҳрагирандаи хизматрасонӣ хароҷоти хизматрасонии таҳсилотӣ ҷуброн карда шавад. Барои ин, пешниҳод карда мешавад, ки ба моддаи 44 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» як банди дигар бо мазмуни зерин илова карда шавад:

*«Дар ҳолати маҳрум гаштани муассисаи таҳсилотӣ аз аккредитатсияи давлатӣ муассиси он вазифадор аст тибқи шартнома дар бораи хизматрасонии пулакии таълимӣ, ки аз ҷониби фармоишгар пардохта шудааст, барои татбиқи барномаҳои таълимӣ таҳсилгирандагонро дар асоси аризаи онҳо ба муассисаҳои дигари таълимии навъи дахлдор барои гузаронидан таъмин намояд».*

2) Пешниҳод карда мешавад, ки дар соҳаи хизматрасонии таҳсилотӣ принсипи мӯҳлати амали номаҳдуди иҷозатнома паҳн гардад. Вобаста ба ин, пешниҳод мешавад, ки ба қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйироти зерин ворид карда шаванд:

- ба моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» қисми 5 бо мазмуни зайл илова карда шавад:

*«Низомномаҳо дар бораи иҷозатномадиҳӣ оид ба баъзе намудҳои фаъолият метавонад қоидаро дар бораи амали бемаҳдуди иҷозатнома пешбинӣ намоянд».*

- матни қисми 9 Тартиби аттестатсия, аккредитатсия ва иҷозатномадиҳии муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври зайл таҳрир карда шавад:

*«Иҷозатнома барои ҳуқуқи пешбурди фаъолияти таълимӣ ба муассисаи таҳсилотӣ ба муҳлати бемаҳдуд дода мешавад.».*

3) вобаста ба тахассусоти сохтори шартномаи оммавӣ пешниҳод мегардад доираи субъектҳои он, ки ба ҷонибдории шахси масъул баромад мекунанд,

васеъ карда шавад ва ҳамзамон, ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ба ҳайати онҳо дохил карда шаванд, зеро онҳо вобаста ба хусусияти фаъолияти худ вазифаҳои аҳаммияти ҷамъиятидоштаро иҷро менамоянд. Бо ин мақсад, матни қисми 1 моддаи 488 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар шакли зайл пешниҳод менамоем:

*«1. Ба ҳайси шартномаи умумӣ-оммавӣ ҳамон шартномае эътироф мегардад, ки аз ҷониби ташкилоти тиҷоратӣ ё ташкилоти ғайритиҷоратӣ баста шуда, вазифаҳои дорои аҳаммияти умумиоммавиро иҷро мекунад ва уҳдадориҳои худро оид ба фурӯши мол, иҷрои кор ё хизматрасонӣ, ки чунин ташкилот вобаста ба хусусияти фаъолияти худ нисбати ҳар кадоми ба ӯ мурочиаткарда бояд амалӣ созад, муқаррар менамояд (савдои чакана, ҳамлу нақл тавассути нақлиёти ҷамъиятӣ, хизматрасонии алоқа, таъминоти барқ, хизматрасонии тиббӣ, меҳмонхонаҳо, хизматрасонии таълимӣ ва г.).*

4) Пешниҳод карда мешавад, ки фаъолияти инфиродии омӯзгорӣ ба Рӯйхати намудҳои фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ки дар асоси патент амалӣ мегардад, шомил карда шуда, ба он тартиби соддакардашудаи андозбандии барои соҳибкории патентӣ пешбинигашта паҳн карда шавад.

5) пешниҳод карда мешавад, ки ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ» меъёрҳои танзимкунандаи фаъолияти соҳибкории инфиродӣ дар соҳаи маориф бо ҷалби меҳнати кироя, аммо бидуни ташкили шахси ҳуқуқӣ ворид карда шавад.

6) пешниҳод мегардад, ки ба моддаи 58 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» бандҳо бо мазмуни зерин илова дароварда шаванд:

*«Шартнома оид ба пешниҳоди хизматрасонии таълимии пулакӣ бояд шарт дар бораи арзиши пурраи хизматрасонии таълимии пулакиро дар тамоми давраи таҳсил пешбинӣ кунад. Пас аз бастани шартнома ба болоравии якҷонибаи арзиши хизматрасониҳои таҳсилотӣ, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи қонун, иҷозат дода намешавад.*

*Тасҳеҳи арзиши хизматрасонии таҳсилотӣ бояд бо шартномаи иловагие, байни муассисаи таълимӣ ва фармоишгар ба имзо расидааст, ба расмият дароварда шавад.».*

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳамияти назариявӣ ва амалии кор такя бар он мекунад, ки таҳкими танзими маданию ҳуқуқии хидмати таълимӣ тасаввуротро аз хусуси онҳо ҳамчун объекти мустақими маданию ҳуқуқӣ густариш медиҳад. Низоми назариявии таҳиягардида ва хулосаҳои ба дастомада баҳри таҷдиди назар оид ба тасаввурот бобати аҳамияти хизматрасонии тааҳсилотӣ дар илми муосири ҳуқуқ басо муҳиманд ва барои таҳияву коркардҳои минбаъдаи илмӣ мушкилоти амалии муносибатҳои ҷамъиятии вобаста ба пешниҳоди хидматрасонии таҳсилоти илм бармеоянд, метавонанд истифода шаванд.

Арзиши амалии диссертатсия аз он иборат аст, ки хулосаҳои назариявии дар диссертатсия овардашуда барои таҳияи тавсияҳо оид ба такмили танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар соҳаи хизматрасонии таълимӣ замина шуданд. Натиҷаҳои таҳқиқоти бадастомада ҳамчунин барои амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ манфиатбахшанд.

Маводи таҳқиқоти рисолавӣ метавонад дар таҳия ва омода кардани китобҳои дарсӣ ва адабиёти таълимию методӣ оид ба ҳуқуқи шаҳрвандӣ, соҳибкорӣ ва таълимӣ муфид бошад ва инчунин дар таълими курси «Ҳуқуқи таҳсилот» истифода шавад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Кулли натиҷаҳои бадастомада дақиканд. Натиҷаҳои таҳқиқот дар заминаи таҳқиқи асноди меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи танзими ҳуқуқи фаъолияти таҳсилотӣ ба даст омадаанд. Ҳамин тариқ, дар раванди навиштани таҳқиқи диссертатсионии мазкур аснод дар соҳаи ҳуқуқи байналмилалӣ, ҳамчунин асноди миллии меъёрии ҳуқуқӣ, ба монанди Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маълумоти олӣ ва касбии баъди мактаби олӣ» , Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маълумоти иловагӣ» қонунҳои миллии Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Ҷумҳурии Қазоқистон, Украина ва дигар давлатҳо таҳлил гардидаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқи диссертатсионӣ дар мавзӯи: «Танзими маданию ҳуқуқии муносибатҳо дар соҳаи хизматрасониҳои таълими мутобиқи қонунгузории Ҷумхурии Тоҷикистон ба шиносномаи ихтисоси илмии 12.00.03 - ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мутобиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Дар рафти таҳқиқот, довталаб дар асоси муносибатҳои анъанавии илмӣ ва далелҳои шахсии худ мафҳум ва хусусиятҳои хизматрасонии таълимиро ҳамчун мавзӯи ҳуқуқи шаҳрвандӣ муайян сохта, моҳияти ҳуқуқии муносибатҳоро дар самти пешниҳоди хизматрасонии таълими пулакӣ ошкор намудааст ва таснифоти хизматрасонии таълимиро таҳия ва баррасии мушкилоти танзими шартномавии хизматрасонии таҳсилотиро анҷом додааст. Таҳияву таркиботи шартномаи хизматрасонии таҳсилотӣ бо тарзи муфассал таҳлил гашта, хосиятҳои ҳуқуқии он, вазъи ҳуқуқии тарафҳо, шартҳои муҳим, хусусиятҳои ҷавобгарии ҳуқуқию шаҳрвандии анҷомдиҳанда ва фармоишгари хизматрасониҳои таълимӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтанд. Довталаб дар асоси муқаррароти консептуалӣ тавсияҳоро оид ба такмили қонунгузории Тоҷикистон дар самти пешниҳоди хизматрасонии таҳсилотӣ ва амалияи истифодаи он таҳия намудааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи соҳибкории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон муҳокима ёфта, барои ҳимоя тавсия дода шуд.

Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар маводи интишорёфтаи муаллиф ифода гардидаанд.

Санҷиши хулосаҳо ва натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ марҳила ба марҳила сурат гирифтаанд:

- Дар конференсияи III илмӣ-амалии байналмилалӣ бахшида ба 25-солагии истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 20-солагии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон «Мушкилоти мубрами илмҳои ҳуқуқ; назария ва амалия» мавзӯи маъруза: «Шарҳи асноди меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи танзими хидмати таҳсилоти пулакӣ» (Душанбе, 2016).

- Дар конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии «Рушди илми ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ ва хусусӣ да тӯли 25 соли истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-мавзӯи маърӯза : «Тиҷоратикунонии системаи маълумотии Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҷанбаҳои мусбат ва камбудиҳо» (Душанбе, 6-майи соли 2016).

- Дар конференсияи IV байналмилалии «Системаи ҳуқуқии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои ИДМ. Маҳаки тамоюлҳо ва дурнамои рушд» мавзӯи маърӯза: «Доир ба баҳс бобати ҳуқуқии муносибатҳо дар соҳаи расонидани ҳимояи таҳсилоти пулакӣ (Душанбе, 2017).

- Дар конференсияи VI байналмилалии илмӣ-амалии «Инкишофи илми ҳуқуқшиносӣ дар шароити муосир: назария ва амалияи» мавзӯи маърӯза: «Дар бораи масъалаҳо оид ба заминаҳо ва пайдоиши муносибатҳои маданию ҳуқуқӣ дар соҳаи фаъолияти таҳсилотӣ» (Душанбе, 2018).

- Дар конференсияи VII байналмилалии илмӣ-амалии «Рушди илми ҳуқуқшиносӣ дар шароити муосир: назария ва амалия»- мавзӯи маърӯза: « Мӯҳлати таҳсил ҳамчун шарти моҳиятан муҳими шартнома оид ба расонидани хидмати таҳсилотӣ» (Душанбе, 2019).

- Дар қонференсияи VIII байналмилалии илмӣ-амалии «Низоми миллии ҳуқуқии Ҷумхурии Тоҷикистон ва кишварҳои ИДМ» мавзӯи маърӯза: «Шартҳои муҳими шартнома оид ба расонидани хизматрасонии таҳсилотӣ» (Душанбе, 2020).

- Дар конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявии «Рушди қонунгузории шаҳрвандӣ ва соҳибкорӣ» бахшида ба 25 соли истиқлолияти давлатӣ- мавзӯи маърӯза: «Тафсири ҳуқуқии шартномаи расонидани хидмати пулакии таҳсилот» (Душанбе, 21 апрели соли 2016).

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Муқаррарот, хулоса ва тавсияҳое, ки зимни гузаронидани таҳқиқот таҳия ва ба расмият даровarda шудаанд, дар сенздаҳ мақолаи илмӣ бо ҳаҷми умумии 9,3 саҳ. ба чоп расида, ҳафтои он дар маҷаллаҳои илмии тақриздиҳанда, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҷумҳурӣ барои нашри натиҷаҳои таҳқиқоти

диссертатсионӣ, тавсия шудааст, интишор ёфтаанд, шаш мақолаи дигар бошад, дар маҷмуаву нашрияҳои дигари илмӣ ва амалӣ чоп шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Сохтори кори диссертатсия бо таркибу мавзуъ, ҳадаф ва вазифаҳои он муайян карда мешавад. диссертатсия аз муқаддима, се боб, аз он ҷумла 9 параграф, хулоса ва рӯйхати манбаъҳои истифодашуда иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 199 саҳифаро ташкил медиҳад.

## МАЗМУНИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар **муқаддима** асоснокии аҳаммияти мавзуи таҳқиқот, тавсифоти дараҷаи таҳияи он зикр гардида, мавзуъ, объект, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот муайян мешавад ва асосҳои методологӣ ва назариявии асарро ба таври васеъ кушода, навгонии он қайд гардидааст, ҳамчунин муқаррароти асосии барои ҳимоя пешниҳодшуда ба расмият даровардa,, аҳаммияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва санҷишу маъқул донистани онҳо шарҳ дода шудааст.

Боби якуми тадқиқоти диссертатсионӣ **«Муқаррароти умумӣ дар бораи хизматрасонии таълимӣ ҳамчун мавзуи маданию ҳуқуқӣ»** аз чор параграф иборат аст.

Дар зербоби якуми **«Замина ва омилҳои ба вуҷуд омадани муносибатҳои ҳуқуқии шаҳрвандӣ дар соҳаи фаъолияти таҳсилотӣ»** омилҳои умумӣ ва махсус (расмию ҳуқуқии) ба вуҷуд омадани муносибатҳои ҳуқуқии шаҳрвандӣ дар соҳаи фаъолияти таълимӣ таҳқиқ карда шуданд. Дар натиҷа, чунин хулоса бароварда, ки омили умумии ҷорӣ намудани унсурҳои танзими ҳуқуқи шаҳрвандӣ дар соҳаи маориф далели тиҷоратикунонии системаи маориф буда, дар натиҷа талаботи истеъмолкунандагон ба хизматрасониҳо оид ба омӯзиш ва ташаккули бозори хизматрасонии таълими пулакӣ дар ҳама зинаҳои таҳсилот боло рафтааст.

Мавқеи муаллиф дар ин зербоб вобаста ба мушкилоти рушди таълими пулакӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври васеъ ифода меёбад. Ҷанбаҳои мусбат ва манфии иқдому ташаббусҳои давлат дар самти тиҷоратикунонии системаи таълим нишон дода шудаанд. Чунин ақида изҳор карда мешавад, ки соҳаи маориф наметавонад бинобар хусусияти иҷтимоӣ доштанаш танҳо ба механизми бозории худтанзимкунӣ такя кунад. Вале эъломи қотеона оид ба хатар доштани пешниҳоди хизматрасонии таҳсилотии музднок(пулакӣ) барои устувории ҷомеаи шаҳрвандӣ ғайриимкон аст. Ҷорӣ намудани муносибатҳои бозорӣ ба низоми маориф набояд ба коҳиши нақши пешбарандаи давлат дар самти танзими соҳаи маориф, ки бояд дар назорати муассисаҳои таълимӣ ва соҳибкорони инфиродии пешниҳодкунандаи хизматрасонии таълимии пулакӣ ифода ёбад, оварда расонад. Танзими ҳуқуқии муносибатҳо оид ба пешниҳоди хизматрасонии таълимӣ бояд ба принсипи ҳамоҳангии танзими давлатӣ ва шартномавӣ дар соҳаи пешниҳоди хизматрасонии таҳсилотии музднок(пулакӣ), ки бо меъёрҳои ягонаи баҳодиҳии сифати хизматрасонӣ таъмин мегарданд, асос

ёбад. Танҳо чунин муносибат ба рушди низоми таҳсилот, ки татбиқи механизмҳои бозориро бо нақши пешбарандаи танзимкунандаи давлат мепайвандад, метавонад асоснокии ворид намудани муносибатҳои бозориро дар соҳаи маориф тасдиқ созад ва ба самаранокии иқтисодию иҷтимоии тиҷоратикунонии он оварда расонад.

Дар зербоби дуюми боби якуми **«Моҳияти ҳуқуқии муносибатҳо дар расонидани хизматрасонии таҳсилоти пулакӣ»** муносибатҳои дар илми ҳуқуқшиносӣ таҳияшударо аз ҷиҳати назария ҷиҳати дарки моҳияти муносибатҳои ҳуқуқӣ дар пешниҳоди хизматрасонии таҳсилотии музднок(пулакӣ) таҳлил менамояд. Моҳияти муносибати аввала дар эътирофи моҳияти ҳуқуқии шаҳрвандии ин муносибатҳо мебошад (М.Н. Малеина, В.В. Кванина, Д.А. Ягофаров, Л.М. Волчанская). Тарафдорони муносибати дуввум хусусияти ҳуқуқии ин муносибатҳоро вобаста ба мавҷудияти унсури ҷазо дар онҳо фарқ мекунанд (А.В.Белозеров, С.В. Куров, Г.Д. Шкарлупина, Л.В. Санникова). Намояндагони муносибати сеюм, нowобаста аз пулакӣ ё ройгон будани муносибатҳои ҳуқуқӣ ҷиҳати пешниҳоди хизматрасонии таҳсилотии музднок(пулакӣ), онҳоро ҳамчун як самти маъмурӣ-ҳуқуқӣ ё иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ меҳисобанд (В.М.Сырих, В.И. Шкатулла, Е.А. Суханов, Г.А. Дорохова).

Дар асоси таҳлили ҳар се назария, ба хулоса мерасад, ки моҳияти муносибатҳои таълимӣ бештар дар муносибати дуввум дурусттар инъикос ёфта, тибқи он пешниҳоди хизматрасонии таҳсилотии музднок (пулакӣ) аҳаммияти ҳуқуқию шаҳрвандӣ дошта, муносибатҳо вобаста ба гирифтани таҳсилоти ройгон бошад, ба бахши ҳуқуқи умумӣ-оммавӣ дохил мешавад. Моҳияти муносибатҳое, ки аз омӯзиш бармеоянд, он қадар мураккаб аст, ки набояд онро танҳо аз нуқтаи назари ҳуқуқи шаҳрвандӣ баррасӣ намуд. Аксари муносибатҳои таълимӣ бо ҳуқуқи шаҳрвандӣ танзими худро наёфтаанд ва аз бисёр ҷиҳат ҳамкории тарафайни иштирокчиён дар доираи муносибатҳои таълимӣ аз доираи танзими ҳуқуқи шаҳрвандӣ берун аст (масалан, раванди қабули довталаб ба муассисаи таълимии таҳсилоти олӣ, татбиқи раванди таҳсилот, ҳуқуқҳои интизомӣ ва уҳдадориҳои донишҷӯён ва ғ.).

Дар диссертатсия чунин хулоса асоснок шудааст, ки муносибатҳои ҳуқуқию шаҳрвандӣ танҳо дар доираи амалҳои донишгоҳ ва донишҷӯ, ки дар доираи шартномаи аз ҷониби донишгоҳ фароҳам овардани шароити мусоид барои донишҷӯ ҷиҳати азхудкунии барномаҳои таълимӣ бо самти ихтисоси инхобкардааш бар ивази музди муайян анҷом дода мешаванд, густариш меёбанд. Худи раванди таълим аз доираи ҳуқуқи шаҳрвандӣ берун буда, вазифаи он ҳолатеро, ки ҷиҳати азхудкунии он шартномаи таҳсил баста мешавад, иҷро мекунад, Аҳаммияти раванди таълим барои соҳаи танзими маданию ҳуқуқӣ дар он аст, ки ҳуқуқи маданӣ ҷиҳати натиҷагирии он манфиатдор аст, зеро маҳз донишандӯзӣ ва малакапайдокунии донишҷӯ, ки бо барномаи таълимӣ муайян шудааст ва барои тасдиқи ин ба ӯ додани ин дипломи дахлдор ҳамчун манфиати донишҷӯ дониста мешавад, ки дар муносибатҳои ҳуқуқи шаҳрвандӣ бо

донишгоҳ шарти аввалиндарача аст. Тағйир додани мафҳумҳои қоидаҳои пешбурди раванди таҳсилот, ки рафтори дурусти донишгоҳ ва донишҷӯро муайян мекунанд ва уҳдадориҳое, ки аз шартномаи таълим бармеоянд, ягон асос надоранд ва худи муносибат барои тафсир додани амалҳои донишгоҳ ва донишҷӯ дар доираи қоидаҳои муқарраршудаи раванди таҳсилот ҳамчун уҳдадориҳои шартномавии онҳо иштибоҳ аст.

Ба доираи масъалаҳои ҳуқуқи маданӣ на худи муносибатҳои байни донишгоҳ ва донишҷӯ мансубанд, ки вобаста ба анҷоми раванди таълим ба миён омадаанд, медароянд, балки танҳо он муносибатҳои байни онҳо, ки донишгоҳ дар доираи он уҳдадор аст шароити заруриро барои азхудкунии барномаи таълимӣ дар самти ихтисоси интихобшуда аз ҷониби донишҷӯ қабул кунад ва донишҷӯ бошад, уҳдадор мешавад маблағи ин хизматрасониҳоро ба донишгоҳ пардохт кунад ва барномаи таълимиро сари вақт аз худ кунад, дохил мешаванд.

Дар зербоби сеюми боби якуми **«Мафҳум ва хусусиятҳои хизматрасонии таҳсилотӣ ҳамчун маданию ҳуқуқӣ»** дар асоси муқаррароти мавҷудаи назариявӣ ва қонунгузорӣ мафҳуми хизматрасониҳои таълимиро ҳамаҷониба таҳқиқ мекунад. Ин имкон дод, ки таърифи мафҳуми мазкур аз ҷониби муаллиф таҳияву ташаккул ёбад: Хизматрасонии таҳсилотӣ – ин фаъолияти касбии муассисаи таҳсилотии ба шартномаи маданию ҳуқуқӣ оид ба таълим тавассути татбиқи барномаҳои дахлдори таълимӣ асосёфта аст, ки бар ивази музди муайян амалӣ гашта, дар натиҷаи он ба таҳсилгиранда ҳуҷҷат дар бораи таҳсилоти хатмкардааш дода мешавад, ба он шарте ки вай барномаи таҳсилотии дахлдорро аз худ карда бошад.

Дар доираи муқаррароти ин зербоб ҳамчунин нишонаҳои хизматрасонии меҳмонхонагӣ мушоҳида шуд, ки ҳамчун мавзуи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ тавсиф мешаванд: 1) мавҷуд набудани ифодаи моддии натиҷаи хизматрасонӣ; 2) хусусияти касбӣ; 3) муттасилӣ ва ҳамешагии хусусияти хизматрасонӣ; 4) ҳадафгирии хизматрасонӣ; 5) хусусияти ҷубронӣ; 6) хусусияти шартномавӣ.

Дар доираи зербоби мазкур, инчунин чунин хулосабарорӣ ба миён меояд, ки аз худ накардани дониши дар муассисаи таълимӣ додашуда ва ба даст наовардани малакаҳои касбие, ки таҳсилгиранда ба он эътимод дорад, наметавонад ба ҳайси иҷрои номатлуби хизматрасониҳои таълимӣ дониста ва бо сифати пасти таълим баробар карда шавад. Гузашта аз ин, аз ҷониби муассисаи таҳсилотӣ ба муштарӣ пешниҳод гаштани чунин кафолатҳо, чун ба иштибоҳ овардани ӯ дониста шавад, зеро натиҷаи хизматрасонии таълимӣ аз ҳадди шартнома мебарояд.

Муаллиф зимни таҳқиқи мушкилот дар пешниҳоди хизматрасонии таҳсилоти музднок(пулакӣ) ва ройгон ба хулоса меояд, ки нишонаи калидии тафриқаи хизматрасонии таҳсилоти ҳамчун мавзуи муносибатҳои ҳуқуқии уҳдадориҳо ва фаъолияти таҳсилоти ройгон ҳамчун падидаи иҷтимоию иқтисодӣ ин ҷубронпазир будани хизматрасониҳои таълимӣ ва хусусияти

шартномавӣ доштани муносибати тарафайни иштирокчиёни шартнома аст. Бинобар ин, фаъолияти таҳсилоти аз ҳисоби буҷети давлатӣ амалишаванда ба хизматрасониҳои таҳсилотӣ ҳамчун маънидоди мавзӯи ҳуқуқи маданӣ ҳисобида намешавад.

Дар зербоби чоруми боби якуми **«Таснифоти хизматрасониҳои таълимӣ»** аз ҷониби довталаб дар заминаи муқаррароти назариявӣ ва қонунгузорӣ сохти таснифотии таҳсилотии музднок(пулакӣ) бо як қатор асосҳо анҷом ёфтааст: 1) вобаста ба вазъи ҳуқуқии муассисаи хидматрасон: а) хизматрасониҳои таълимӣ, ки аз ҷониби муассисаҳои таълимии давлатӣ пешниҳод карда мешаванд; б) хизматрасониҳои таълимие, ки аз ҷониби муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ пешниҳод мешаванд; в) хизматрасониҳои таълимие, ки аз ҷониби муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ пешниҳод мешаванд; г) хизматрасониҳои таҳсилотӣ, ки аз ҷониби муассисаҳои таълимии байналмилалӣ пешниҳод карда мешаванд; д) хизматрасониҳои таълимие, ки дар доираи фаъолияти инфиродии омӯзгорӣ расонида мешаванд; 2) вобаста ба дорои аккредитатсияи давлатӣ будани муассисаи таълимӣ: а) хизматрасониҳои таҳсилотӣ, ки аз ҷониби муассисаҳои таълимии аккредитатсияшуда пешниҳод карда мешаванд; б) хизматрасониҳои таҳсилотӣ, ки аз ҷониби муассисаҳои таълимии ғайри аккредитатсияшуда пешниҳод мешаванд; 3) вобаста ба зарурати гирифтани иҷозатнома барои амалигардонии фаъолияти таълимӣ: а) хизматрасониҳои таҳсилотии иҷозатдодашуда; б) хизматрасониҳои таҳсилотии иҷозатдоданашуда; 4) вобаста ба махсусияти барномаҳои таълимӣ: а) хизматрасониҳои таълимии асосӣ; б) хизматрасониҳои таҳсилотии иловагӣ. Таснифоти мазкури хизматрасониҳои таҳсилотӣ дараҷаи пурраи доираи васеи хизматрасониҳои таҳсилотиро нишон медиҳад ва метавонад ба ҳайси заминаи асосии низомоти дохилии ин падидаи ҳуқуқӣ аз нуқтаи назари муносибати ҳуқуқии шаҳрвандӣ хидмат кунад.

Дар ҷараёни сохти таснифоти хизматрасониҳои таҳсилотӣ аз ҷониби довталаб мушкилоте ошкор мегардад, ки қонунгузории амалкунанда дорои он воситаҳои ҳуқуқии муносибе нест, ва наметавонанд дар сатҳи зарурӣ таъмини ҳифзи ҳуқуқи таҳсилгирандагонро дар сурати аз аккредитатсияи давлатӣ маҳрум гаштани донишгоҳ ба роҳ монанд. Ҳангоми дохилшавӣ ба муассисаи таълимии дорои аккредитатсияи давлатӣ таҳсилгиранда аз қатъи ногаҳонии фаъолияти донишгоҳ, ки дар натиҷаи соҳиб нашудани донишгоҳ ба аккредитатсияи давлатӣ ба амал омадааст, ҳифозат намешавад.

Бо мақсади ташкили чунин воситаҳои ҳимоявӣ, ки бояд ҳифзи зарурии ҳуқуқҳои донишҷӯёнро ба роҳ монад ва ҳамзамон он ҳамчун як ҷиҳати сусти шартнома ҳисобида мешавад, пешниҳод мегардад, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ӯҳдадории муассисаи таълимӣ дар бораи ҷуброни хароҷоти хизматрасонии таълимӣ ба гирандаи хизматрасонӣ дар сурати аз аккредитатсияи давлатӣ маҳрум гаштани муассисаи мазкур пешбинӣ карда шавад. Дар робита бо ин, пешниҳод мегардад, ки ба мод. 44 Қонуни

Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» боз як сархати дигар бо мазмуни зерин илова карда шавад:

*«Дар сурати маҳрум гаштани муассисаи таҳсилотӣ аз аккредитатсияи давлатӣ, муассис (муассисон)-и чунин муассисаи таҳсилотӣ вазифадор аст(анд), ки тибқи созишнома дар бораи хизматрасониҳои таҳсилоти музднок(пулакӣ) арзиши таҳсили муштариро ҷиҳати татбиқи барномаҳои таълимӣ, барномаҳои тайёркунии мутахассисони касбӣ ҷуброн намояд. Инчунин муассис (муассисон) -и чунин муассисаи таҳсилотӣ вазифадор аст(анд)гузариши таҳсилгирандагонро ба дигар муассисаҳои таҳсилотии навъи дахлдор аз рӯйи аризаи онҳо таъмин намоянд».*

Довталаб хусусиятнокии хизматрасониҳои таҳсилотии иҷозатдодаро таҳлил карда, мувофиқи мақсад будани густариши принсипи эътибори бемаҳдуди иҷозатномаро дар соҳаи хизматрасонии таълимӣ асоснок мекунад. Вобаста ба ин, пешниҳод карда мешавад, ки ба қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйироти зерин ворид карда шавад:

- ба моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» банди 5 бо мазмуни зайл илова карда шавад:

*«Низомномаҳо дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият метавонанд қоидаҳоро дар бораи амали номаҳдуди иҷозатнома пешбинӣ намоянд.»;*

- тасвияи банди 9 Тартиби гузаронидани аттестатсия, аккредитатсия ва иҷозатномадиҳии муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин зайл тағйир дода шавад:

*«Иҷозатнома барои ҳуқуқи анҷом додани фаъолияти таҳсилотӣ ба муассисаи таҳсилоти иҷозатдодашуда ба мӯҳлати бемаҳдуд дода мешавад.».*

Боби дуюми таҳқиқоти диссертатсионӣ **«Созишнома ҳамчун воситаи танзими ҳуқуқии хизматрасонии таълимӣ»** аз се зербоб иборат аст.

Дар зербоби якуми **«Хусусиятҳои ҳуқуқии шартнома ҷиҳати анҷоми хизматрасониҳои таълимӣ»** довталаб дар асоси муқаррароти қонунгузории назариявӣ нишонаҳои ҳуқуқии шартнома оид ба хизматрасониҳои таълимиро баррасӣ мекунад, ки дар рафти он ӯ хосияти ба созиш омадан, ҷуброн шудан ва уҳдадоркунии тарафайнро муайян мекунад. Инчунин, довталаб дар чунин таркиботи шартномавӣ нишонаҳои шартномаи ҳамроҳшавӣ ва умумӣ-оммавиро пайдо мекунад.

Бо мушоҳидаи нишонаҳои шартномаи умумӣ-оммавӣ дар таркиботи шартнома оид ба пешниҳоди хизматрасониҳои таълимӣ, муаллиф масъалаи мураккабии дар он густариш ёфтани низоми ҳуқуқии шартномаҳои умумӣ-оммавиро пеш меорад, чунки муассисаҳои таҳсилотӣ аз рӯйи қонун мақоми ташкилотҳои тиҷоратиро надоранд.

Чунин фаҳмиши густурдаи тарафи ӯҳдадор дар шартномаи умумӣ-оммавӣ ба асос гирифта, довталаб зарур мешуморад, ки доираи субъектҳои аз ҷониби шахси уҳдадор амалкунандаро, аз ҷумла бо шумули ташкилотҳои

ғайритиҷоратие, ки аз рӯйи фаъолияти худ вазифаҳои назарраси оммавиро иҷро мекунанд, васеъ кунад Бо ин мақсадҳо, тасвияи зерини банди 1 моддаи 488 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мегардад:

*«1. Шартномаи умумӣ-оммавӣ шартномаест, ки аз ҷониби ташкилоти тиҷоратӣ ё ташкилоти ғайритиҷоратие, ки вазифаҳои дорои аҳаммияти ҷамъиятиро иҷро мекунад ва уҳдадориҳои ӯро оид ба фурӯши мол, иҷрои кор ё хизматрасонӣ муқаррар менамояд, ки чунин ташкилот аз рӯйи хусусияти фаъолияташ бояд онро нисбат бо ҳар касе, ки ба ӯ мурочиат мекунад (савдои чакана, интиқол тавассути нақлиёти ҷамъиятӣ, хадамоти алоқа, таъминоти энергетикӣ, хидматрасонии тиббӣ, меҳмонхонаҳо, хидматрасонии омӯзишӣ ва ғ.) иҷро кунад».*

Чунин фаҳмиши васеи ҷониби ӯҳдадор дар шартномаи умумӣ-оммавӣ имкон медиҳад, ҳолатҳое ба инобат гирифта шаванд, ки фаъолияти қонеъгардонии манфиатҳои оммавии (ҷамъиятии) аз ҷониби давлат эътироф ва ҳимояшаванда, ба ғайр аз ташкилотҳои тиҷоратӣ аз ҷониби ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ низ амалӣ гарданд.

Дар зербоби дуюми боби дуюми **«Вазъи ҳуқуқии тарафҳои шартнома оид ба пешниҳоди хизматрасониҳои таълимӣ»** довталаб шаклҳои хизматрасонии иҷрокунанда ва фармоишгари хизматрасониҳои таълимиро зери омӯзиш қарор медиҳад. Дар рафти таҳқиқоти вазъи ҳуқуқии анҷомдиҳандаи хизматрасониҳои таълимӣ довталаб мушкилоти духӯрагии (ду навъ омадани) шакли ташкилию ҳуқуқии чунин ташкилотҳоро, ки қонунгузор иҷозат додааст, ифшо мекунад. Аз як тараф, қонунгузор ҳангоми тасвияи мафҳуми муассисаи таълимӣ, истилоҳи «муассиса»-ро истифода мебарад, аз тарафи дигар, ин нишон медиҳад, ки чунин ташкилот метавонад дар ҳама шаклҳои ташкилию ҳуқуқӣ таъсис дода шавад.

Бо ибрози нуқтаи назари худ дар ин масъала муаллиф чунин мешуморад, ки шаклҳои ташкилию ҳуқуқие, ки барои шахсони ҳуқуқии тиҷоратӣ пешбинӣ шудаанд, ҷиҳати татбиқи ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандон барои таҳсили ройгон ғайри қобили қабуланд. Шахсони ҳуқуқии тиҷоратӣ бинобар хосияти манфиатҷуйӣ доштани худ барои татбиқ намудани сиёсати давлатии таълими ба принсипҳои ҳатмият ва дастрасии таълими асосии умумӣ асосёфта, таъин нашудаанд. Барои ин мақсадҳо танҳо шаклҳои ташкилию ҳуқуқии шахсони ҳуқуқӣ, ки дорои қобилияти маҳдуди ҳуқуқӣ мебошанд, мувофиқанд. Дарвоқеъ, танҳо тавассути маҳдуд кардани қобилияти ҳуқуқии муассисаи таҳсилотӣ ба иҷрои вазифаҳои болозикр ноил шудан мумкин аст. Муаллиф бар он ақида аст, ки аз ҳама воситаи қобили қабули расидан ба ин мақсадҳо таркиботи шакли ташкилию ҳуқуқии муассисаҳо мебошад: аввалан, муассиса метавонад фаъолияти соҳибкориро танҳо ба он дараҷае амалӣ намояд, ки ҳадафҳои оинномавӣ ба он имкон диҳанд; дуввум, аз ҷониби муассиса амалӣ кардани фаъолиятҳое, ки ба ҳадафҳои оинномавӣ мувофиқат намекунанд, барои барҳамдиҳии он бо тартиби судӣ асос мебошад; сеюм, муассиса метавонад

танҳо бо намуди фаъолияти соҳибкорӣ, ки ба ҳадафҳои оинномавии он ҷавобгӯ аст, машғул шавад; чорум, даромад аз хизматрасонии таълимии пулакӣ аз ҷониби муассиса танҳо тибқи мақсадҳои дар оинннома муайянгашта истифода бурда мешавад.

Қобилияти ташкилоти тиҷоратӣ ҷиҳати пешбурди фаъолияти таҳсилотӣ бояд бо нишон додани номгӯи муфассали барномаҳои таълимии амалишаванда, ки ба татбиқи ҳуқуқи шаҳрвандон барои таҳсили ройгон вобаста нест, маҳдуд гардад. Сухан танҳо дар бораи таҳсилоти томактабӣ ва иловагӣ меравад. Дар соҳаи таҳсилоти умумӣ (ибтидоӣ, умумии асосӣ ва миёнаи умумӣ) набояд ба таъсиси муассисаи таҳсилоти умумӣ дар шакли ташкилоти тиҷоратӣ роҳ дода шавад.

Дар рафти омӯзиши вазъи ҳуқуқии шахси машғул бо фаъолияти инфиродии омӯзгорӣ пешниҳод мешавад, ки ин намуди фаъолият ба Номгӯйи намудҳои фаъолияти соҳибкории инфиродии дар асоси патент амалишаванда шомил гашта, ба он муқаррароти тартиби содакардашудаи андозбандӣ, ки барои соҳибкории патентӣ пешбинӣ гардида паҳн карда шавад. Афзалияти ин пешниҳод барои соҳибкории инфиродӣ дар он аст, ки фоидаи он аз ҷиҳати андозбандӣ бештар мебошад. Инчунин, ҷолибияти он аз нуқтаи назари пешбурди фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ аён аст, зеро соҳибкори патентӣ метавонад дар бонк суратҳисоби ҷорӣ надошта бошад, барои истифодабарии мошинҳои назоратию хазинавии дорои хотираи фискалӣ вазифадор набошад, дар робита бо интихоби шаклу усулҳои ҳисоббаробаркунӣ бо контрагентҳо ба интихоби имконпазири маълум соҳиб бошад. Ғайр аз ин, ҳисоботдиҳии соҳибкории патентӣ сода аст, зеро аз соҳибкор талаб карда намешавад, ки ба мақомоти андоз эъломияҳо ва ҳисобҳо пешниҳод кунад.

Дар рафти кор пеш аз ҳама, набудани танзими дурусти ҳуқуқии чунин шакли фаъолияти инфиродии омӯзгорӣ, ба монанди соҳибкории инфиродӣ дар соҳаи таҳсилот бо истифодаи меҳнати кироя, вале бидуни ташкили шахси ҳуқуқӣ диққатро ҷалб менамояд. Дар робита ба ин, пешниҳод карда мешавад, ки ба қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ» меъёрҳои танзимкунандаи чунин фаъолиятҳо ворид карда шаванд. Муаллиф чунин пешниҳодашро бо он шарҳ медиҳад, ки фаъолияти инфиродии омӯзгорӣ дар шароити муосир соҳаи аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим ва ояндадор мебошад. Имрӯз фаъолияти педагогӣ бидуни ташаккули шахси ҳуқуқӣ дорои аҳаммияти махсуси иҷтимоию иқтисодӣ буда, дар ҳалли чунин вазифаҳои муҳимми давлатӣ, ба монанди баланд бардоштани сатҳи маърифатнокиии шаҳрвандон, ва сифати таҳсилот, таъмини шуғли аҳолӣ. рушди рақобат ва ғайра саҳми калон дорад.

Муаллиф ҳаматарафа фармоишгарро дар шартномаи хизматрасонии таълимӣ таҳлил намуда, нишон медиҳад, ки шахсони зерин метавонанд ба сифати ӯ баромад кунанд: 1) худи баҳрагирандаи хизматрасонӣ, яъне таҳсилгиранда; 2) намояндаи қонунии баҳрагирандаи хизматрасонӣ; 3) шахсони

ҳуқуқии барои таҳсили шаҳрванди мушаххас манфиатдорбуда; 4) давлат дар симои мақоми дахлдори давлатӣ, ки ҳамчун фармоишгари давлатии иҷтимоӣ намояндагӣ омадааст, баромад мекунад. Дар асоси ҳамаи инҳо, мақоми ҳуқуқии фармоишгар вобаста ба он тафриқагузорӣ мешавад, ки ба ҳайси баҳрагирандаи хизматрасониҳои таҳсилотӣ оё худи ӯ баромад дорад ё не. Вақте ки фармоишгар ва баҳрагирандаи хизматрасонӣ ҳамон як шахс маҳсуб меёбад, барои муайян кардани мақоми ҳуқуқии ӯ ҳеҷ мушкилие вуҷуд надорад. Дар ҳолати дигар, душвориҳое ба миён меоянд, ки бо расмиёти шартномавии муносибати байни пудратчӣ ва фармоишгар алоқаманданд. Аз ҷумла, дар ин ҳолат, мақоми ҳуқуқии баҳрагирандаи хизматрасонӣ, бар замми қоидаҳои шартномаи хизматрасониҳои таҳсилотии музднок (пулакӣ) инчунин қоидаҳои шартнома ба манфиати шахси сеюм муайян карда мешавад (моддаи 495 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Дар зербоби сеюми боби дуюми **«Шартҳои муҳимми шартнома дар бораи хизматрасониҳои таҳсилотии музднок(пулакӣ)»** довталаб ба шартҳои муҳими шартнома дар бораи расонидани хизматрасониҳои таҳсилотии музднок(пулакӣ) шартҳои зеринро дохил мекунад: 1) мавзӯи шартнома, ки имкон медиҳад, сатҳ ва самтҳои барномаҳои таълимиро мушаххас намояд; 2) муҳлати пешниҳоди хизматрасонии таълимӣ; 3) арзёбии нархи шартнома, ки ба муқаррар намудани арзиши пурраи хизматрасониҳои таҳсилотии музднок (пулакӣ) ва тартиби пардохти онҳо имкон медиҳад.

Дар доираи зербоб, чунин хулосабарорӣ бояд намуд, ки зикри шартҳои муҳимми шартнома оид ба пешниҳоди хизматрасониҳои таҳсилотии музднок (пулакӣ) бояд дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» инъикоси ҳатмӣ ёбад. Вобаста ба ин, пешниҳод мешавад, ки ба мод. 58 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» меъёре ворид шавад, ки зикри шартҳои муҳими шартнома оид ба пешниҳоди хизматрасониҳои таҳсилотии музднок (пулакӣ)-ро пешбинӣ намояд.

Зимни омӯзиши масъалаи арзиши нархномаи хизматрасониҳои таҳсилотии музднок (пулакӣ), ҳамчун як шарти муҳимми шартномаи баррасишавандаи мазкур, далели мавҷудияти шумораи зиёди поймолкунии ҳуқуқҳои таҳсилгирандагон ҳамчун истеъмолкунандагон ошкор карда мешавад (масалан, тасҳеҳи арзиши хизматрасониҳои таълимӣ, ки бо шартномаи иловагӣ ба расмият дароварда нашудааст). Ин ва ҳуқуқвайронкуниҳои бисёри дигар бинобар номукаммалии қонунгузории амалкунанда вобаста ба масъалаҳои пардохти арзиши хизматрасониҳои таҳсилотии музднок (пулакӣ) рух медиҳанд. Аз ин лиҳоз, довталаб зарур мешуморад, ки танзими муфассали фаъолият оид ба пешниҳоди хизматрасониҳои таҳсилотии музднок (пулакӣ) дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» пешбинӣ карда шавад. Ҷиҳати ҳалли дурусти ин масъала пешниҳод мегардад, ки ба моддаи 58 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» бандҳо бо бандҳои зерин илова карда шаванд:

*«Шартнома оид ба пешниҳоди хизматрасонии таҳсилотии музднок (пулакӣ) бояд шарти арзиши нархномаи пурраро оид ба пешниҳоди хизматрасониҳои таҳсилотии музднок(пулакӣ) дар тамоми давраи таҳсил пешбинӣ кунад. Ба болоравии якҷонибаи арзиши нархнома оид ба пешниҳоди хизматрасониҳои таҳсилотӣ пас аз бастани шартнома, ба истисноі ҳолатҳои пешбининамудаи қонун, иҷозат дода намешавад.*

*Тасҳеҳи арзиши хизматрасониҳои таҳсилотии музднок(пулакӣ )*бояд *бо шартномаи иловагӣ, ки аз ҷониби муассисаи таълимӣ ва фармоишгар ба имзо расидааст, ба расмият даровaрда шавад».*

Боби сеюми таҳқиқоти диссертатсионӣ «**Ҷавобгарии маданию хуқуқии тарафҳо тибқи шартнома оид ба пешниҳоди хизматрасонии таълимӣ»** аз ду зербоб иборат аст.

Дар зербоби якуми боби сеюм **«Хусусиятҳои ҷавобгарии шаҳрвандии анҷомдиҳандаи хизматрасониҳои таҳсилотӣ»** довталаб, пеш аз ҳама мафҳуми масъулияти шаҳрвандиро нисбати ӯҳдадориҳо дар доираи шартнома оид ба пешниҳоди хизматрасониҳои таҳсилотӣ таҳия мекунад – ин низоми чораҳои маҷбуркунии давлатии бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррарнамуда аст, ки бар дӯши анҷомдиҳандаи хизматрасонии таҳсилотӣ ва фармоишгари он сарбории иловагии хусусияти молумулкиро барои иҷро накардан ё иҷрои номатлуби ухдадориҳои базиммагирифтаашон дар доираи шартнома оид ба пешниҳоди хизматрасониҳои таҳсилотии музднок (пулакӣ) вогузор менамояд.

Хусусияти ҷавобгарии маданию ҳуқуқии муассисаҳои таҳсилотӣ аз он иборат аст, ки ба ғайр аз онҳо, тибқи банди 4 моддаи 128 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба ҳайси субъекти ҷавобгарии молумулкӣ аз рӯи ухдадориҳои муассисаи таҳсилотӣ метавонад соҳиби ин муассиса, ҳамчун қарздори ёрирасон бошад. Яъне, дар муносибатҳои таълимӣ давлат субъекти ғайримустақими ҷавобгарии маданию ҳуқуқии мебошад. Ин масоил ҷиҳати муайян кардани ҳаҷм ва тартиби ҷавобгарии молумулкии ӯ мушкилоти зиёдеро ба вуҷуд меорад. Нуқтаи мазкур дар он мавридҳое, ки сухан дар бораи муассисаҳои таълимии давлатӣ меравад, аҳаммияти хос пайдо мекунад, зеро дар ин ҳолат ҷавобгарии субсидиарӣро аз рӯйи қарзҳои муассисаҳои давлатӣ дар кадом шакле набошад, хазинаи давлат ба дӯш дорад.

Ҳангоми таҳлили андешаҳои илмӣ оид ба механизми ҷавобгарии субсидиарии молик аз рӯи қарзҳои муассиса, муаллиф дар мулоҳизаҳои худ оид ба ин масъала ба мавқее соҳиб мешавад, ки талабот оид ба ухдадориҳои субсидиарии молик аз рӯйи ухдадориҳои муассисаи давлатӣ (С.Н. Братус, А.В. Бутенко) ба таври мусбат арзёбӣ мешавад. Муаллиф чунин мешуморад, ки таркиби ҷавобгарии субсидиарии соҳибмулки муассиса барои қарзҳояш хоҳиши давлатро ҷиҳати аз ҳад зиёд назорат кардани амнияти молу мулки муассисаҳое, ки дар соҳаи муайяни хизматрасонии иҷтимоӣ кор мекунанд, возеҳу равшан нишон медиҳад. Воқеан, дар шароити бозоргонӣ, мақомоти

давлатӣ аз ҳамин таъсироти манфӣ суғурта карда намешаванд, ки ҳаҷми ӯҳдадориҳои онҳо дар назди дигар иштирокчиёни гардиши шаҳрвандӣ метавонад аз иҷрояшон зиёд бошад.

Дар доираи таҳлили масъалаҳои параграф, воқеияте муайян мешавад, ки қонунгузор фаъолияти пулакии муассисаҳои таҳсилотиро ба ҳайси фаъолияти соҳибкорӣ эътироф намекунад, агар даромади бадастовардашуда аз хизматрасониҳои таҳсилотии музднок (пулакӣ) пурра барои пӯшонидани хароҷоти муассисаи таҳсилотии вобаста ба амалисозии равандҳои таълиму тарбия ва такмили онҳо равона шуда бошанд. Дар ин ҳолат, сухан дар бораи хароҷоти марбут ба пардохти музди меҳнати кормандони муассисаи таҳсилотӣ низ меравад. Яъне, аз ҷиҳати маънидод худи қонунгузор наметавонад фаъолияти соҳибкорӣ оид ба пешниҳоди хизматрасониҳои таҳсилотиро доро бошад, агар муассисаи таҳсилотӣ барои иҷрои вазифаҳои оинномавии худ маблағҳои аз фаъолият оид ба пешниҳоди хизматрасониҳои таҳсилотии музднок (пулакӣ)-ро гирифташударо пурра аз худ намуда истода бошад.

Довталаб бар он ақида аст, ки тартибу қоидаи мазкур ба моҳияти ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ мухолифат дошта, хусусияти тахассусии он на далели гирифтан ё нагирифтани фоида аст, балки равонасозии самти фаъолият барои ба даст овардани фоида мебошад. Аз оне, ки қонунгузор фаъолият оид ба пешниҳоди хизматрасониҳои таҳсилотии музднок (пулакӣ) фаъолияти соҳибкорӣ намеҳисобад, он соҳибшавии хусусиятҳои ба фаъолияти соҳибкорӣ хосро бас намекунад. Бо ҳамин, қонунгузор бо мақсади пур кардани норасоии захираҳои молиявӣ ҷиҳати амалишавии лоиҳаҳои гуногуни омӯзгорӣ фаъолияти соҳибкории муассисаҳои таълимиро рӯйпӯш кардааст.

Бо дарназардошти ин, довталаб чунин мешуморад, ки низоми ҳуқуқии субъектҳои соҳибкорӣ, аз он ҷумла низоми масъулияти шаҳрвандӣ бояд ба пуррагӣ дар муассисаҳои таҳсилотӣ вусъат дода шавад. Аз ин рӯ, муассисаҳои таҳсилотӣ дар ҳолатҳое, ки нисбати онҳо чораҳои ҷавобгарии маданию ҳуқуқӣ татбиқ карда мешаванд, бояд бе инобати гуноҳ ба ҷавобгарӣ кашида шаванд.

Довталаб дар зербоби дуюми боби сеюми «**Ҷавобгарии маданию ҳуқуқии фармоишгар (баҳрагирандаи хизматрасонӣ) тибқи шартнома оид ба пешниҳоди хизматрасонии таълимӣ**» ба хулосае меояд, ки аз ҷониби контрагенти анҷомдиҳандаи хизматрасонии таълимӣ ду нафар метавонанд баромад кунанд – фармоишгар ва гирандаи хизматрасонӣ (таҳсилгиранда). Ҳар кадоме аз ин тарафҳо ҷавобгарии худро бар ӯҳда доранд, ки аз муносибати пайванди онҳо бо анҷомдиҳандаи хизматрасонии таҳсилотӣ бармеоянд. Аз ҷумла, ӯҳдадории асосии фармоишгар дар шартномаи хизматрасонии таҳсилотӣ-ӯҳдадорӣ вобаста ба сари вақт ва дар ҳаҷми пурра пардохт кардани анҷомдиҳандаи хизматрасониҳо мебошад. Қонунгузор шумораи зиёди вазифаҳои марбут ба раванди таълим ва азхудкунии софдилонаи барномаи таълимиро бо шахсияти таҳсилгиранда вобаста мекунад.

Дар доираи зербоб довталаб бо чунин муносибат розӣ буда наметавонад, ки дар доираи он уҳдадории таҳсилгиранда ҷиҳати иштироки фаъолона дар раванди таҳсилот ҳамчун уҳдадории интизомӣ эътироф шавад ва мавқеи худро бо далелҳои зерин асоснок мекунад. Дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати муносибатҳои шартномавӣ принсипи мусоидат ба тарафҳои шартнома тасдиқи худро ёфтааст (моддаи 864 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон). Татбиқи субсидиявии ин меъёр нисбат ба муносибати «анҷомдиҳандаи хидматрасонии таълимӣ – таҳсилгиранда» имкон медиҳад, ки дар таркиби уҳдадории таҳсилгиранда софдилона аз худ кардани барномаи таълимӣ ва иштироки фаъолона дар раванди таълимӣ хусусияти маданию ҳуқуқӣ мушоҳида шавад. Ин уҳдадориро бояд ҳамчун мусоидат ба анҷомдиҳандаи хизматрасонии таълимӣ дар татбиқи барномаҳои таълимӣ дида бароянд, ки таҳсилгиранда барои азхудкунии онҳо бо анҷомдиҳандаи хизматрасонӣ муносибатҳои шартномавӣ бастааст. Моҳияти маданию ҳуқуқӣ доштани уҳдадориҳои таҳсилгиранда ҷиҳати азхудкунии софдилонаи барномаи таълимӣ, иҷрои супоришҳои таълимӣ, супоридани имтиҳонҳои ҷорӣ ва гузаштани аттестатсияи ниҳоии давлатӣ бо он муайян мегардад, ки уҳдадории мутақобилаи анҷомдиҳандаи хизматрасонӣ ҷиҳати додани дипломи таҳсилоти дахлдор на танҳо ва на ба он қадре зиёд бо маблағи таҳсил алоқаманд аст, балки, пеш аз ҳама, ба далели гузаштани аттестатсияи ниҳоӣ вобастагӣ дорад. Дар натиҷа, муаллиф ба чунин хулоса меояд, ки уҳдадориҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ вобаста ба иштироки фаъоли ӯ дар раванди таълим хусусияти ҳуқуқии шаҳрвандӣ доранд ва аз рӯйи табиати худ бо уҳдадории фармоишгар тибқи шартномаи пудрат оид ба мусоидат дар иҷрои кор қиёспазиранд, ки бо моддаи 792 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқи худро ёфтаанд.

Муаллиф бо ибрози нуқтаи назари худ дар бораи қонунӣ будани амали муассисаи таълимӣ оид ба ситонидани маблағ барои такроран супоридани имтиҳонҳо, як қатор далелҳоро барои қонунияти ин амалҳо овардааст. Аввалан, аз нав супурдани қарзи академӣ хизматрасонии иловагӣ ба ҳисоб намеравад. Баъдан, уҳдадориҳои бартараф кардани қарзи академӣ наметавонад ба харҷномаи шартнома шомил гардад, зеро пешгӯӣ кардани натиҷаи аттестатсияи фосилавии донишҷӯён ғайриимкон аст. Дар натиҷа, муаллиф мулоҳизаҳои худро бо чунин хулоса анљомидааст, ки аз ҷониби муассисаи таҳсилотӣ ситонидани маблағи иловагӣ барои бартараф кардани қарзи академӣ ва бозпас гирифтани кредитҳо ва имтиҳонҳо хусусияти қонунӣ дошта, чораи ҷавобгарии маданию ҳуқуқӣ баҳрагирандаи хизматрасонӣ аз рӯйи шартнома оид ба пешниҳоди хизматрасониҳои таҳсилотии музднок (пулакӣ) мебошад. Дар навбати худ, пеш аз муҳлат қатъ кардани шартнома оид ба пешниҳоди хизматрасониҳои таҳсилотии музднок (пулакӣ) аз ҷониби муассисаи таҳсилотӣ

дар сурати аз худ накардани барномаи таълимӣ ба категорияи ҷавобгарии маданию ҳуқуқӣ дохил мешавад.

Довталаб чунин мешуморад, ки бекор кардани шартнома оид ба пешниҳоди пешниҳоди хизматрасониҳои таҳсилотии музднок(пулакӣ) ва ихроҷи таҳсилгиранда аз донишгоҳ бо сабабҳои суст будани пешрафти донишҳо наметавонад ҳамчун ҷавобгарии мусбат тасниф карда шавад. Чунин амалҳо чораҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мебошанд. Ин аз он далолат медиҳад, ки чораи зикршуда аз зуҳуроти мушаххаси бо қонун муқарраршудаи чунин ҷавобгарӣ, ки дорои аҳаммияти муайяни ҳуқуқӣ мебошанд, замина мегирад. Ӯҳдадорӣ вобаста ба омӯзиш дар сатҳи меъёрӣ тасдиқи худро ёфтааст. Аз ин рӯ, хориҷ кардани таҳсилгиранда аз донишгоҳ барои нокомии таҳсилот муҷозот барои иҷро накардани ухдадориҳои пешбининамудаи қонун ва на барои муносибати бепарвоёна ба вазифаи ахлоқӣ ва қонунӣ ҳисобида мешавад.

Довталаб ҷиҳати ҷонибдории дурусту қонунӣ таъин гаштани ҷазо аз ҷониби муассисаи таҳсилотӣ барои сари вақт пардохт накардани арзиши хизматрасонии таҳсилотӣ як қатор далелҳо овард. Аз сабаби он, ки қонунгузории амалкунанда муассисаи таҳсилотиро аз ҳуқуқи дар шартнома пешбинӣ шудани шарти ҷаримабандӣ барои таъхири фармоишгар дар пардохти хизматрасониҳо аз рӯйи шартнома маҳрум намекунад, ба шартнома ворид кардани чунин шарт ба ҳуқуқи фармоишгар дар қиёс бо қоидаҳои пешбининамудаи қонун, зарар намерасонад.

## ХУЛОСАҲО

Таҳқиқоти гузаронидашуда имконият медиҳад, ки чунин хулосабарорӣ намоем:

1. Дар ҷараёни тадқиқоти заминаҳои пайдоиши муносибатҳои маданию ҳуқуқӣ дар соҳаи фаъолияти таҳсилотӣ муайян шудаанд; табиати ҳуқуқии муносибатҳо дар соҳаи расондани хизматрасонии пулакии таҳсилот таҳлил ёфтаанд; худи мафҳум таҳқиқ шуда, аломатҳои хидмати таҳсилотӣ ошкор гаштаанд; таснифоти хизматрасонии таҳсилотӣ бунёд гардида, аломатҳои ҳуқуқии шартнома оид ба расонидани хизматрасонии таҳсилотӣ таҳқиқ шудаанд ва шартҳои моҳиятан муҳим муайян гардидаанд; низоми ҳуқуқии ҷонибҳои шартномаи мазкур таҳлил ва масъулияти маданию ҳуқуқии тарафҳо доир ба шартномаи расонидани хизматрасонии таҳсилотӣ баррасӣ шудаанд. **[13-М].**

2. Дар рафти тадқиқи табиати ҳуқуқии муносибатҳо дар самти расонидани хидмати пулакии таҳсилот муносибатҳои илмӣ бобати дарки табиати муносибатҳои ҳуқуқӣ доир ба расонидани хизматрасонии таҳсилотӣ таҳлил гардидааст. Дар асоси таҳлили мавқеъҳои пешниҳодшуда хулоса кардан мумкин аст, ки муносибати дуюм, ки тибқи он хадамоти пулакии таҳсилот аҳамияти маданию ҳуқуқиро дороянд, табиати муносибатҳои таҳсилотиро ифода менамоянд, айни замон муносибат оид ба гирифтани таҳсилоти ройгон ба соҳаи ҳуқуқи оммавӣ мансубанд. Дар асли ҳол табиати муносибатҳое, ки вобаста ба таълим падид меоянд, ба ҳадде мураккабанд, ки гумон аст баррасии онҳо танҳо аз мавқеи маданию ҳуқуқӣ дуруст шуморида шавад. Бисёр муносибатҳои таҳсилот берун аз чаҳорчӯбаи танзими маданию ҳуқуқӣ қарор доранд (масалан, раванди қабули довталаб ба шумори донишҷӯёни муассисаи олии таҳсилотӣ, татбиқи раванди таҳсилотӣ, ҳуқуқҳои интизомӣ-маъмурӣ ва ӯҳдадориҳои донишҷӯ ва ғайраҳо) **[ 1-М].**

3. Дар диссертатсия муайянкунандаи муаллифии хизматрасонии таҳсилотии ба шартномаи маданию ҳуқуқии фаъолияти касбии муассисаи таҳсилоти оид ба таълим тавассути амалигардонии барномаҳои мутобиқ ба таҳсилот асосёфта ташаккул дода мешавад, ки дар заминаи пардохти маблағ, ки аз рӯи натиҷаҳои он ба таълимгиранда зимни шарти азхудкунии барномаи мутобиқи таҳсилоти ҳуҷҷат медиҳанд, татбиқ карда мешавад. Дар ин маврид аломатҳои хосаи хизматрасонии таҳсилотӣ инҳоянд: 1) мавҷуд набудани таҷассуми моддии натиҷаҳои хидматрасонӣ; 2) хусусияти касбӣ; 3) хусусияти идомаёбандаи хидматрасониҳо; 4) хусусияти суроғавии хидматрасонӣ; 5) хусусияти ҷуброншавӣ; 6) характери шартномавӣ доштан **[ 3-М].**

4. Муаллифи диссертатсия масъалаи бунёди таснифотии хизматрасонии таҳсилотиро зимни пешниҳоди таснифоти муаллифӣ ҷамъбаст менамояд:

1) вобаста ба мақоми ҳуқуқии хидматгузор - а) хизматрасонии таҳсилотие, ки аз ҷониби муассисаҳои давлатии таҳсилотӣ расонида мешаванд; б) хидматҳои таҳсилотие, ки аз тарафи муассисаҳои ғайридалатии таҳсилотӣ сурат

мегиранд; в) хизматрасонии таҳсилотие, ки муассисаҳои муштараки таҳсилотӣ адо мекунанд; г) хизматрасонии таҳсилотие, ки аз ҷониби муассисаҳои байналмилалии таҳсилот амалӣ мегарданд; д) хизматрасонии таҳсилотие, ки дар доираи фаъолияти инфиродии омӯзгорӣ расонида мешаванд.

2) вобаста ба мавҷудияти аккредитсияи давлатӣ дар муассисаи таҳсилотӣ - а) хизматрасонии таҳсилотие, ки муассисаҳои ташкилотии аккредитатсияшуда мерасонанд; б) хизматрасонии таҳсилотие, ки муассисаҳои таҳсилотии беаккредитатсия амалӣ месозанд.

3) вобаста ба зарурати гирифтани ичозатнома - а) хизматрасонии таҳсилоии иҷозатномавӣ; б) хизматрасонии таҳсилотие, ки берун аз иҷозатнома расонида мешаванд.

4) вобаста ба хусусияти хоси барномаи таълимӣ - а) хизматрасонии таҳсилотии асосӣ; б) хизматрасонии иловагии таҳсилотӣ **[2-М].**

Ба назар мерасад, ки таснифоти мазкури хидматрасониҳои таҳсилотӣ тамоми ҷанбаҳои густурдаи соҳаи хизматрасонии таҳсилотиро фарогир буда, метавонад ба сифати заминаи базавии (асосии) басистемадарории зуҳуроти ҳуқуқии мазкур аз нуқтаи назари муносибати маданию ҳуқуқӣ хидмат кунад.

5. Дар заминаи низомномаҳои назариявии қонунгузорӣ ошкор гардида, ки шартнома оид ба расонидани хизматрасонии таҳсилотӣ ризоияти тарафайн (консенсуалӣ), ҷуброншаванда ва ҳасана (синаллогистикӣ)- ро дорост. Ҳамчунин, дар бандубасти бунёдии ин шартнома аломатҳои шартномаи ҳамроҳшавӣ ва шартномаи оммавӣ ба назар мерасанд **[10-М].**

6. Дар ҷараёни баррасии мақоми ҳуқуқии иҷрокунандагони хизматрасонии таҳсилотӣ муаллиф мушкилоти духӯрагии масъаларо бобати дар шакли ташкилию ҳуқуқӣ роҳ додани ин қабил ташкилотро аз ҷониби қонунгузор ошкор намудааст. Вобаста ба ин масьала нуқтаи назари хешро баён карда, муаллиф тахмин менамояд, ки шаклҳои ташкилию ҳуқуқии барои шахсони тиҷоратии юридикӣ пешбинигардида баҳри татбиқи ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон ба таҳсилоти ройгон қобили қабул нест. Шахсони тиҷоратии юридикӣ зимни табиати ҳуқуқии худ лаёқати ифодаи хусусиятҳои хоси сиёсати давлатиро дар соҳаи таҳсилот, ки на фақат ба қонеъ гардонидани манфиатҳои инфиродии шаҳрвандон, балки дар навбати аввал ба татбиқи принсипҳои ҳатмият ва дастрасии умумии таҳсилоти асосӣ нигоронида шудаанд, надоранд. Баҳри амалишаваии ин мақсадҳо он шаклҳои ташкилию ҳуқуқии шахсони юридикӣ, ки ба онҳо лаёқати ҳуқуқии маҳдуд хосанд муносибтар шуморида мешаванд. Зеро танҳо ба василаи маҳдудгардонии лаёқати ҳуқуқии ташкилоти таҳсилотӣ татбиқи ҳадафҳои болозикр муяссар мешавад. Муаллиф чунин мешуморад, ки баҳри ин мақсадҳо бунёди шакли ташкилию ҳуқуқии муассисаҳо бештар қобили қабул мебошад. Мақбулияти мазкур бо хусусиятҳои хоси марбут ба муассисаҳо тасдиқи худро меёбанд. Якум, тавре зикр шуд, муассиса фаъолияти соҳибкории хешро метавонад танҳо

дар ҳамон чаҳорчӯбае, ки ҳадафҳои оинномавиаш ҷоиз донистааст, амалӣ гардонад. Дуюм, татбиқи намудҳои фаъолияте, ки ба ҳадафҳои оинномавӣ мутобиқ нестанд, баҳри тариқи судӣ барҳам додани он асос буда метавонад. Сеюм, муассиса танҳо ба он намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ машғул шуда метавонад, ки ба ҳадафҳои оинномааш мутобиқанд. Ва чаҳорум, даромад аз ҳисоби пешниҳоди хизматрасонии пулакии таҳсилотӣ аз ҷониби муассиса танҳо мутобиқи ҳадафҳои дар оинннома зикрёфта истифода бурда мешавад **[4-М].**

7. Шартҳои моҳиятан муҳими шартнома оид ба расонидани хизматрасонии таҳсилотӣ таҳқиқ намуда, муаллиф маҳз чунин шартҳоро мансуб медонад, ки мувофиқгардониашон зарурист ва баҳри басташуда ҳисобидани шартнома кофӣ шуморида мешаванд: 1) мавзӯи шартнома, ки ба идентификатсияи монандгардонию ҳамоҳангии сатҳ ва самти барномаҳои таълимӣ мусоидат менамоянд; 2) мӯҳлати расонидани хизматрасонии таҳсилотӣ; 3) арзиши шартнома **[5-М].**

8. Хусусиятҳои масъулияти маданию ҳуқуқии ҷонибҳоро оид ба шартнома бобати расонидани хизматрасонии таҳсилотӣ баррасӣ намуда, муаллифи рисола, пеш аз ҳама, мафҳуми масъулияти маданӣ- ҳуқуқиро нисбат ба уҳдадориҳое, ки аз шартнома оид ба расонидани хизматрасонии таҳсилотӣ бармеоянд, ташаккул додааст - ин системаи тадбирҳои маҷбурсозии далатии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррарнамуда мебошад, ки ба иҷрокунандаи хидмати таҳсилотӣ ва фармоишгари он ҳангоми аз ҷониби онҳо иҷро накардан ё ба тарзи бояду шояд амалӣ нагардонидани уҳдадориҳои ба зимма гирифтаашон дар чаҳорчӯбаи шартнома оид ба расонидани хизматрасонии таҳсилоти ташвишҳои иловагии характери амволӣ доштаро пеш меорад **[12-М].**

9. Муаллифи диссертатсия масъалаи масъулияти тарафҳоро вобаста ба шартнома оид ба расонидани хизматрасонии таҳсилотӣ таҳқиқ намуда, ба хулоса меояд, ки дар ҷониби иҷрокунандаи хизматрасонии таҳсилотӣ ду шахс – фармоишгар ва хидматпазир (таълимгиранда) баромад карда метавонанд. Ҳар яке аз ин нафарон уҳдадориҳои шахсии худро, ки аз муносибатҳои онҳоро баҳамоваранда бо иҷрокунандаи хизматрасонии таҳсилотӣ бармеоянд, бар зимма доранд. Аз ҷумла, уҳдадории асосии фармоишгар дар шартнома оид ба амалӣ сохтани хизматрасонии таҳсилотӣ уҳдадории саривақтӣ ва пурра пардохт кардани маблағҳои хизматрасонии иҷрокунанда мебошад, қонунгузор ба шахси таълимгиранда як қатор уҳдадориҳои марбут ба раванди таълимро, ки маҳаки асосиаш аз худ намудани барномаи таълимист, вогузоштааст **[13-М].**

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАДҚИҚОТ

1. Бо мақсади муқаррар намудани механизми муҳофизатии ҳимояи дурусти ҳуқуқи донишҷӯён ҳамчун тарафи сусти шартнома пешниҳод карда мешавад, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» уҳдадориҳои муассисаи таълимӣ оид ба ҷуброн намудани маблағи пардохтшудаи хароҷоти хизматрасонии таълимӣ ба донишҷӯ ҳангоми маҳрум шудани муассиса аз аккредитатсияи давлатӣ, пешбинӣ карда шавад. Барои ин пешниҳод мегардад, ки ба моддаи 44 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» банди нав бо мазмуни зайл илова карда шавад:

*«Дар сурати аз аккредитатсияи давлатӣ маҳрум кардани муассисаи таълимӣ муассиси он уҳдадор аст, ки тибқи шартнома оид ба пешниҳоди хизматрасонии пулакии таълимӣ хароҷоти таълимро, ки фармоишгар барои татбиқи барномаҳои дахлдори таълимӣ пардохт кардааст, ҷуброн намояд ва дар асоси ариза интиқоли донишҷӯёнро ба муассисаҳои таълимии дахлдор таъмин кунад»* **[8-М].**

2. Пешниҳод мегардад, ки дар соҳаи хизматрасонии таълимӣ тартиби эътибори бемӯҳлати (доимии) иҷозатнома ҷорӣ карда шавад. Вобаста ба ин пешниҳод карда мешавад, ки ба қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйироти зерин ворид карда шаванд:

- ба моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» банди 5 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

*«Низомнома дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба намудҳои муайяни фаъолият метавонад қоидаи эътибори бемуҳлати (доимии) иҷозатномаро пешбинӣ намояд»***.**

- банди 9 Тартиби гузаронидани аттестатсия, аккредитатсия ва литсензиядиҳии муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври зайл тағйир дода шавад:

*«Иҷозатнома барои ҳуқуқи пешбурди фаъолияти таълимӣ ба муассисаи таълимие, ки аз аттестатсияи давлатӣ мегузарад, бе муҳлат (доимӣ) дода мешавад»* **[11-М]**.

3. Вобаста ба мақсадҳои тарҳрезии шартномаи оммавӣ пешниҳод карда мешавад, ки доираи субъектҳои аз ҷониби шахси ӯҳдадор амалкунандаи он, аз ҷумла ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, ки аз рӯйи хусусияти фаъолияти худ вазифаҳои аҳаммияти оммавидоштаро иҷро мекунанд, васеъ карда шавад.

Бо ин мақсад банди 1-и моддаи 488 Кодекси мадании Ҷумхурии Тоҷикистонро дар таҳрири зерин пешниҳод менамоем:

*«1. Шартномаи оммавӣ шартномае эътироф карда мешавад, ки аз ҷониби ташкилоти тиҷоратӣ ё ташкилоти ғайритиҷоратӣ баста шуда,*

*вазифаҳои аҳаммияти оммавидошта ва уҳдадориҳои барои он муқаррааргардидаро оид ба фурӯши мол, иҷрои кор ё хизматрасонӣ иҷро мекунад ва чунин ташкилот аз рӯйи хусусияти фаъолияти худ бояд нисбат ба ҳар як шахси ба он муроҷиаткунанда (савдои чакана, интиқол бо нақлиёти ҷамъиятӣ, хизматрасонии алоқа, таъминот бо барқ, хизматрасонии тиббӣ, меҳмонхона, хизматрасониҳои таълим ва ғайраҳо) анҷом диҳад»* **[4-М].**

4. Пешниҳод карда мешавад, ки фаъолияти инфиродии омӯзгорӣ ба Рӯйхати намудҳои фаъолияти инфиродии соҳибкорӣ, ки дар асоси патент амалӣ мегарданд, ворид карда шавад ва барои он тартиби содакардашудаи андозбандӣ, ки барои соҳибкорони патентӣ пешбинӣ шудааст, ҷорӣ шавад **[4-М].**

5. Пешниҳод карда мешавад, ки ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ» меъёрҳое, ки фаъолияти инфиродии соҳибкориро дар соҳаи маориф ба танзим медароранд, бо ҷалби меҳнати кироя, вале бе ташкили шахси ҳуқуқӣ дохил карда шаванд **[4-М].**

6. Таклиф карда мешавад, ки ба моддаи 58 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» банди нав бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«*Қарордоди хизматрасонии таълимии пулакӣ бояд шарти арзиши пурраи хизматрасонии таълимии пулакиро барои тамоми давраи таҳсил пешбинӣ намояд. Яктарафа зиёд кардани арзиши хизматрасониҳои таълимӣ пас аз бастани қарордод, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки қонунгузорӣ пешбинӣ намудааст, роҳ дода намешавад.*

*Тағйири арзиши хизматрасонии таълимӣ бояд бо шартномаи иловагие, ки аз ҷониби муассисаи таълимӣ ва фармоишгар имзо мегардад, ба расмият дароварда шавад»* **[3-М].**

## ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗӮИ ДИССЕРТАТСИЯ

### I. Мақолаҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшуда интишорёфта, ки ба рӯйхати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил карда шудаанд

**[1 - М]** Исматуллоева, Н.А. К дискуссии о правовой природе отношений в сфере оказания платных образовательных услуг [Текст] / Н.А. Исматуллоева // Вестник университета (Российско-Таджикский (Славянский) университет). – Душанбе: РТСУ, 2018. – № 2 (62). – С. 62-72. ISSN 2077-8325

**[2 - М]** Исматуллоева, Н.А. К вопросу о классификации образовательных услуг [Текст] / Н.А. Исматуллоева // Вестник университета (Российско-Таджикский (Славянский) университет). – Душанбе: РТСУ, 2018. – № 3 (63). – С. 24-35. ISSN 2077-8325

**[3 - М]** Исматуллоева, Н.А. Понятие и признаки образовательной услуги как гражданско-правового явления [Текст] / Н.А. Исматуллоева // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2018. – № 7. – С. 223-230. ISSN2413-5151

**[4 - М]** Исматуллоева, Н.А. К вопросу об организационно-правовой форме образовательных организаций [Текст] / Н.А. Исматуллоева // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2018. – № 11. – С. 232-238. ISSN 2413-5151

**[5- М]** Исматуллоева, Н.А. Существенные условия договора об оказании образовательных услуг [Текст] / Н.А. Исматуллоева // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2020. – № 10, ч. 2. – С. 137-148. ISSN 2413-5151

**[6- М]** Нигор Абдугаффор, Султонова, Т.И. К вопросу о гражданско-правовой ответственности заказчика образовательных услуг [Текст] / Н.А. Исматуллоева, Т.И. Султонова // Юридический вестник. – 2022.– № 4 (12). – С. ISSN 2790-7570

**[7- М]** Нигор Абдугаффор, Султонова, Т.И. Гражданско-правовая ответственность исполнителя образовательных услуг [Текст] / Н.А. Исматуллоева, Т.И. Султонова // Юридический вестник. – 2023. – № 1 (13). – С. ISSN 2790-7570

### II. Мақолаҳо дар маҷаллаҳо ва маҷмӯаҳои дигар:

**[8 - М]** Исматуллоева, Н.А. Обзор нормативных правовых актов Республики Таджикистан в сфере регулирования платных образовательных услуг [Текст] / Н.А. Исматуллоева // Вестник Конституционного суда Республики Таджикистан. – 2016. – № 1. – С. 75-82.

**[9 - М]** Исматуллоева, Н.А. Коммерциализация системы образования Республики Таджикистан: достоинства и недостатки [Текст] / Н.А.

Исматуллоева // Таджикистанский ежегодник международного публичного и частного права. – 2016. – С. 426-432.

**[10 - M]** Исматуллоева, Н.А. Правовая характеристика договора оказания платных образовательных услуг [Текст] / Н.А. Исматуллоева // Законодательство. – 2016. – № 4 (24). – С. 39-42. ISSN 2410-2903

**[11- M]** Исматуллоева, Н.А. К вопросу о предпосылках возникновения гражданско-правовых отношений в сфере образовательной деятельности [Текст] / Н.А. Исматуллоева // Развитие юридической науки в современных условиях: теория и практика: матер. Межд. научно-практ. конф. – Душанбе: РТСУ, 2018. – С. 64-70.

**[12 - M]** Исматуллоева, Н.А. Development of Paid Educational Services in The Republic of Tajikistan: Pros and Cons [Текст] / Н.А. Исматуллоева / Advances in Social Science, Education and Humanities Research // Proceedings of the International Conference "Topical Problems of Philology and Didactics: Interdisciplinary Approach in Humanities and Social Sciences" (TPHD 2018).– С. 175-178. DOI https://doi.org/10.2991/tphd-18.2019.34. ISBN 978-94-6252-704-1. ISSN 2352-5398 .

**[13 - M]** Исматуллоева, Н.А. Срок обучения как существенное условие договора об оказании образовательных услуг [Текст] / Н.А. Исматуллоева // Национальная правовая система Республики Таджикистан: анализ тенденций и перспектив развития: матер. Межд. научно-практ. конф. – Душанбе: РТСУ, 2019. – С. 593-595.

## АННОТАЦИЯ

**на диссертацию Нигор Абдугаффор на тему: «Гражданско-правовое регулирование отношений в сфере оказания образовательных услуг по законодательству Республики Таджикистан» на соискание учёной степени кандидата юридических наук по специальности 12.00.03 – Гражданское право; предпринимательское право; семейное право; международное частное право**

**Ключевые слова:** образовательные услуги, образовательная деятельность, образовательное учреждение, договор, гражданско-правовое регулирование, законодательство в сфере образования.

Диссертационная работа Нигор Абдугаффор посвящена актуальной научной и практической проблеме гражданско-правового регулирования отношений в сфере оказания образовательных услуг.

Автор поставила перед собой цель проведения комплексного анализа гражданско-правового регулирования отношений в сфере оказания образовательных услуг по законодательству Республики Таджикистан, а также выработки предложений по совершенствованию научных подходов к объяснению правового понимания образовательных услуг и реформированию законодательства, регулирующего платную образовательную деятельность

Развитие рыночных отношений обусловило вовлечение образовательных учреждений в имущественный, товарно-денежный оборот. Образовательная деятельность стала рассматриваться в качестве услуги, которая, как любой объект гражданского права, имеет все необходимые товарные свойства и подлежит стоимостной оценке. Это явилось предпосылкой появления в общественном сознании и в понятийно-правовом аппарате понятия «платная образовательная услуга».

Осознавая неизбежность коммерциализации образовательной среды, Республика Таджикистан ставит одной из главных своих задач в сфере образования развитие платного образования и принятие эффективных мер по созданию условий оказания образовательных услуг частным сектором.

Привнесение рыночных отношений в сферу образования требует должной правовой регламентации отношений, возникающих по поводу предоставления платных образовательных услуг. Однако сегодняшнее регулирование названных отношений таково, что в законодательстве отсутствует детальная регламентация платных образовательных услуг.

В этой связи научная и законодательная разработка правового режима платных образовательных услуг является настоятельной потребностью права. Научное осмысление перечисленных проблем правового регулирования платных образовательных услуг и разработка на его основе предложений по совершенствованию законодательства в этой части позволило выработать предложения по совершенствованию научных подходов к объяснению правового понимания образовательных услуг и реформированию законодательства, регулирующего платную образовательную деятельность.

## АННОТАТСИЯ

**барои диссертатсияи номзадии Нигор Абдуғаффор дар мавзӯи: «Танзими маданию ҳуқуқии муносибатҳо дар соҳаи хизматрасониҳои таълимӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03. – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ**

**Вожаҳои асосӣ:** хизматрасонии таҳсилотӣ, фаъолияти таълимӣ, муассисаи таҳсилотӣ, шартнома, танзими маданию ҳуқуқӣ, қонунгузорӣ дар соҳаи маориф.

Кори илмии Нигор Абдуғаффор ба масъалаҳои мубрами илмӣ ва амалии танзими маданию ҳуқуқии муносибатҳо дар соҳаи пешниҳоди хизматрасониҳои таълимӣ бахшида шудааст.

Зимни ҷорӣ намудани муносибатҳои бозорӣ дар соҳаи маориф зарурати танзими муносиби маданию ҳуқуқии муносибатҳо ҳангоми пешниҳоди хизматрасонии таҳсилотӣ ба миён меояд. Пеш аз ҳама, зарурат дар танзими дурусти ҳуқуқии муносибатҳои шартномавӣ, ки байни анҷомдиҳандаи хизматрасонии таҳсилотӣ ва фармоишгар (таҳсилгиранда) ба миён меояд, зарур аст. Аммо, танзими имрӯзаи муносибатҳои болозикр чунинанд, ки дар қонунгузорӣ хизматрасонии таълимии пулакӣ ба таври муфассал танзим нашудааст. Аз ҷумла, шартҳои муҳими шартнома оид ба пешниҳоди хизматрасонии таҳсилотӣ муайян нагашта, ҳолатҳои аз ҷониби муассисаи таълимӣ пас аз бастани шартнома яктарафа боло бурдани арзиши пешниҳоди хизматрасонии таҳсилотӣ муқаррар шудааст, мушкилоти духӯрагии (номуайянии) масъалаи шакли ташкилию ҳуқуқии ташкилотҳои таълимие, ки қонунгузор иҷозат додааст, ҳалли худро наёфтааст, танзими муносиби ҳуқуқии фаъолияти инфиродии омӯзгорӣ вуҷуд надошта, ҳамзамон воситаҳои ҳуқуқие мавҷуд нестанд, ки бояд ҳифзи муносиби ҳуқуқҳои таҳсилгирандагонро дар ҳолати аз аккредитатсияи давлатӣ маҳрум гаштани донишгоҳ таъмин намояд. Ин рӯйхати масъалаҳои танзимнаёфтаро, ки ҳангоми анҷоми хизматрасонии пулакии таълимӣ ба миён меоянд, метавон муддати дароз таҳлил намуд.

Дар робита ба ин, таҳияву коркарди илмӣ ва қонунгузории низоми ҳуқуқии хизматрасонии таълимии пулакӣ эҳтиёҷоти қатъии қонун мебошад. Ҳамаи ин нишон медиҳад, ки мавзӯи тадқиқот чи аз ҷиҳати назария ва чи аз ҷиҳати амалия мубрам ва саривақтӣ аст. Дарки илмии мушкилоти болозикри танзими пешниҳоди хизматрасонии таҳсилотии музднок (пулакӣ) ва дар асоси он таҳияи пешниҳодот оид ба такмили қонунгузорӣ дар ин бахш имкон медиҳад, ки мушкилоти ҳуқуқие, ки имрӯз иштирокчиёни муносибатҳои таҳсилотӣ бо онҳо рӯ ба рӯ шудаанд, ҳалли худро ёбад.

Ҳадафи ин таҳқиқоти илмӣ аз гузаронидани таҳлили ҳамаҷонибаи танзими маданию ҳуқуқӣ дар соҳаи пешниҳоди хизматрасонии таҳсилотӣ аз рӯйи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳия кардани пешниҳодҳо оид ба такмили муносибати илмӣ ба баёни дарки ҳуқуқии соҳаи пешниҳоди хизматрасонии таҳсилотӣ ва ислоҳоти қонунгузории танзимкунандаи соҳаи пешниҳоди хизматрасонии таҳсилотии музднок (пулакӣ) иборат мебошад.

## ANNOTATION

**on the dissertation Nigor Abdugaffor on the topic: «Civil-legal regulation of relations in the field of the provision of educational services under the legislation of the Republic of Tajikistan» for the degree of candidate of legal sciences in the specialty 12. 00. 03 – Civil law; business law; family law; international private law**

**Keywords:** educational services, educational activities, educational institution, contract, civil law regulation, legislation in the field of education.

The dissertation work of Nigor Abdugaffor is devoted to the actual scientific and practical problem of civil law regulation of relations in the field of educational services.

The author has set himself the goal of conducting a comprehensive analysis of the civil law regulation of relations in the provision of educational services under the legislation of the Republic of Tajikistan, as well as developing proposals for improving scientific approaches to explaining the legal understanding of educational services and reforming the legislation governing paid educational activities

The development of market relations led to the involvement of educational institutions in the property, commodity and money turnover. Educational activity began to be considered as a service, which, like any object of civil law, has all the necessary commercial properties and is subject to valuation. This was a prerequisite for the emergence in the public consciousness and in the conceptual and legal apparatus of the concept of "paid educational service".

Realizing the inevitability of the commercialization of the educational environment, the Republic of Tajikistan sets one of its main tasks in the field of education the development of paid education and the adoption of effective measures to create conditions for the provision of educational services by the private sector.

The introduction of market relations in the field of education requires proper legal regulation of relations arising from the provision of paid educational services. However, today's regulation of these relations is such that there is no detailed regulation of paid educational services in the legislation.

In this regard, the scientific and legislative development of the legal regime of paid educational services is an urgent need of law. Scientific understanding of the listed problems of the legal regulation of paid educational services and the development on its basis of proposals for improving the legislation in this part made it possible to develop proposals for improving scientific approaches to explaining the legal understanding of educational services and reforming the legislation regulating paid educational activities.

Подписано в печать 01.06.2023. Формат 60x84 $^{1}/_{16}$.
Бумага офсетная. Печать офсетная. Гарнитура Times New Roman Tj.
Усл. печ. л. 4,75. Тираж 100 экз.

ООО “ЭР-граф”.
734036, г. Душанбе, ул. Р. Набиева, 218.
Тел.: (+992 37) 227-39-92. E-mail: rgraph.tj@gmail.com